На фоне природоохранных требований выстраиваются цели природоохранных организаций и организационная форма хозяйствования. Разработанный механизм функционирует, опираясь на инструментарий: налогового обеспечения, в том числе и

налогового регулирования; должного финансирования экологической деятельности природоохранных учреждений и ведомств; правового обеспечения; ценового регулирования и поддержки продвижения экопродукции. В качестве итога развития экологического предпринимательства выступает рост экологического, социального и экономического факторов и динамичное развитие качественных сторон государственных организаций, занимающихся природоохранной деятельностью.

Исходя из изложенного, можно выделить, что для совершенствования управления предпринимательской деятельностью в сфере экологии в Республике Таджикистан разработан институциональный механизм и действует природоохранная политика (рис.1).




Рисунок 1.Система управления предпринимательством в сфере экологии

На наш взгляд, можно согласиться с тем, что модернизация образовательных систем является одним из важных механизмов управления и мотивирования хозяйствующих субъектов к снижению антропогенной и техногенной нагрузки на окружающую природную среду, возникающую при инновационном и в то же время устойчивом развитии, однако требует более глубокой доработки.

**Литература**

1. Вишняков, Я.Д. Эколого-ориентированное инновационное развитие национальной экономики [Текст] / Я.Д. Вишняков. -М.: «ЦНИТИ «Техномаш», 2009. -158 с.

2.Вишняков, Я.Д. Экологическое образование для всех [Текст] / Я.Д. Вишняков, С.П. Киселев // Журнал «Экология и промышленность России». -М., 2012. -№3 – С.72-79.

3. Программа экономического развития Республики Таджикистан на период до 2015 г. [Текст]. –Душанбе, 2004. –С.64.

4.Ризоев, С.Б. Развитие малого и среднего предпринимательства: проблемы и тенденции [Текст] / С.Б. Ризоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2014. -№2/2(131). -С.39-42.

5. Султонов, З.С. Предпринимательство (малое) состояние, проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан [Текст] / З.С. Султонов, Н.Н. Носиров, З.И. Асророва. –Душанбе, 2009. -С.1-2.

6. Уразова, Л.П. Управление развитием экологического предприниматель-
ства [Текст] / Л.П. Уразова // Автореф. дисс. … канд. экон. наук –СПб, 2007. -22 с.

УДК 338.465.2

**Муҳадбердиев Ҳ., Абдураҳмонов У.М., Машокиров Ҷ. Н.**

## НАҚШИ МИКРОИҚТИСОД ДАР ТАЪМИН ВА ТАҲКИМИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТО ДАВРАИ СОЛИ 2030

*Дар партави Паём ва Стратегияи рушди миллӣ аҳкоми микроиқтисод: мақсаду вазифа, субъекту объект, предмету метод (усул), услуб ва дараҷаи илми таҳлили назариявӣ, воқеӣ, позитивӣ, нормативӣ дар мояи ҳалли масоили умдви иқтисод ва тазоди асосии иқтисод мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *стратегияи рушд, микроиқтисод, мақсад, вазифа, субъект, объект, усул (метод), услуб (принсип), қонун, микроиқтисоди назариявӣ, воқеӣ, позитивӣ (мусбӣ), микроиқтисоди нормативӣ (меъёрӣ) ва гайра.*

**Мухадбердиев Х., Абдурахмонов У.М., Машокиров Д. Н.**

## РОЛЬ МИКРОЭКОНОМИКИ В ОБЕСПЕЧЕНИЕ И УСЕЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ПЕРИОД ДО 2030

*В ракурсе стратегии развития Республики Таджикистан ставится задача решение следующих микроэкономических проблем: цель и задачи, субъект и объект, предмет и метод, принципы и теоретические, практические, позитивные и нормативные ступени их развития.*

***Ключевые слова:*** *стратегия развития, микроэкономика, цель, задача, субъект, объект, предмет, метод, законы микроэкономики, теоретическая микроэкономика, практическая (реальная) микроэкономика, позитивная и нормативная микроэкономика.*

**Mukhadberdiev H., Abdurahmonov U.M., Mashokirov J.N.**

## THE ROLE OF MICROECONOMICS IN SUPPORTING AND SETTLING THE NATIONAL DEVELOPMENT STRATEGY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE PERIOD UP TO 2030 (HEREINAFTER - NDS-2030)

*In the perspective of the development strategy of the Republic of Tajikistan, the task is to solve the following microeconomic problems: goal and objectives, subject and object, subject and method, principles and theoretical, practical, positive and normative steps of their development.*

***Keywords:*** *development strategy, microeconomics, goal, task, object, subject, method, laws of microeconomics, theoretical microeconomics, practical (real) microeconomics, positive and normative microeconomics.*

Микроиқтисод ҳамчун кулли муносибатҳои байни субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ оид ба тавлиду истеъмол, пасандозу истеъмол, андӯхту сармоягузорӣ, файсала (интихоб)-и алтернативии захира, омил, бозор, даромад, фоида, хароҷот, хулқу рафтори истеъмолгар ва ғайра сурат гирифта, ба сифати заминаи айни (объективи)-и ташаккули иқтисоди миллӣ хизмат мекунад.

Мояи асосии микроиқтисодро тавлиду пешниҳоди неъматҳову хадамотҳои ҷадид дар асоси баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо (меҳнат, сармоя, замин, ашё, таҷҳизот, молия, иттилоот, дониш…) аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ (хонавода, фирма (бизнес), давлат) бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисод ташкил медиҳад.

Таъмини рушди устувори иқтисод ногузир ба густаришу таҳаввул ва тағйиру табдилпазирии қоида (қонуният, қонун, усул, услуб, самту равиш…)-ҳои иқтисод оид ба номаълумиҳо, интизорӣ, қарор, интихоб, имконоти мусоидтарини ташкилию истеҳсолӣ, истеъмолу пасандоз, даромаду даромаднокӣ, андозу андозбандӣ, арзишу нарх, хароҷоту фоида, баҳодиҳии миқдории молу маҳсулот, рафтори истеъмолгар дар бозори омилҳо, тафқиқу тақсими даромад дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода, фирма (бизнес), давлат, ташаккули сатҳи зиндагӣ ва сабати истеъмолӣ, стандарти ҳаёт ва ғайра оварда мерасонад.

Бояд тазакур дод, ки роҳҳои асосии ҳалли онҳо дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Стратегияи миллии рушд ба сифати ҳадафҳои асосӣ, чӣ барои давраи ҳозира ва ояндаи миллат пешниҳод шудаанд, ки муҳимтаринашон инҳоанд:

- ҳалли масоили пешрафти устувори иқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ;
- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ, бозори меҳнат, имконоти содиротии мамлакат;
- тадбиқи ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об – «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028»;
- ба кор андохтани агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»;
- афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, истиқрори таваррум, таъмини дарозумрии аҳолии мамлакат, афзоиши даромади буҷет;
- таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бумбасти коммуникатсонӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон;
- оғоз ва густаришёбии робитаи иқтисодию иҷтимоӣ ва тиҷоратии байни Ҷумҳуриҳои Узбекистону Тоҷикистон;
- ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат;
- дар амал тадбиқ намудани нақшаи стратегии гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ – индустриалӣ (саноатӣ) ба саноатию аграрӣ ва дар ин асос эълон намудани саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ ва то давраи солҳои 2030-ум афзунгардонии ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то ба 22 фоиз аз ҳисоби ҷалби сармояи мустақил;
- бунёди корхонахои нави истеҳсолот, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои зарурии иловагии корӣ;
- тавсияи аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудани ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли махсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба Тоҷикистон бо истисноии ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, ҳаҷми зиёди воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ бо мақсади таъмини

рушди соҳаҳои энергетика, алоқа, сохтмон, истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок ва бунёди ҳавзаҳои гуногуни инфрасохтори иқтисодию иҷтимоӣ;

• эълон кардани моратория ва манъ кардани санҷишҳои субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ»;

• бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии нав, таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Сарбанд», «Қайроқум», «Норак», тадбиқи лоиҳаи минтақавии КАССА – 100, анҷом ёфтани агрегатҳои минбаъдаи «Роғун»;

• таҷдиди роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ дошта, ҳифзи амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ, эълон карда шудани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

• минбаъд рушд ва инкишоф ёфтани соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ, ҳавзаи иҷтимоӣ дар асоси ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, давлатӣ, хориҷӣ ва дар мояи он боз ҳам баланд бардоштани сатҳу дараҷа ва сифати зиндагонии мардуми тоҷик ва ғайра. [1]

**Мақсади микроиқтисод** (ҷорӣ, оянда, дурнамо)-и субъектҳои хонавода (оила), фирма (бизнес, бозор) бевосита дар ҳаллу фасли масоили умдаи иқтисод зоҳир мегардад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

• чӣ? Чӣ қадар захира ё худ неъматҳоро интихоб намуд ва аз онҳо чӣ қадар предмет (чиз)-ҳои истеъмолии зарурии ҳаррӯза ва дуру – дароз хизматкунанда, воситаҳои истеҳсолот, хадамот истеҳсол намуд?

• кадом намуди захира ва истеъмолгарро файсала намуд? барои давраи ҳозира чӣ қадар захираҳоро дастрас ва идора намуд ва барои давраи оянда кадом ҳиссаи онро боқӣ гузошт?

• аз кадом намуди бозори омилҳо, бо кадом нарх онҳоро дастрас ва неъматҳои тавлидшударо ба кӣ, бо кадом нарх пешниҳод намуд?

• чӣ тавр таносуби оқилонаи тақозою арза, муозинию эътидолӣ, арзишу нарх, хароҷоту даромад, фоидаю пасандоз, фаъолияти тавлидотию тиҷоратӣ, муҳити дохилию берунӣ, муносибатҳои молию пулӣ, молиявию асъориро дар ин бозорҳо таъмин намуд?

• чӣ тавр механизми қабул ва тарзу услуби хосаи тадбиқи рафтори истеъмолгару истеҳсолкунанда, харидор, фурӯшанда ва миёнаравро дар бозорҳои алоҳида (бозори захира, сармоя, меҳнат, замин, молия, комил, нокомил…) оид ба тавлиду тақсим, муомилоту истеъмоли захираҳои иқтисодӣ, сарват, даромад, пасандоз, сармоягузорӣ, ҳаҷми маҳсулот… таъмин намуд? [10, с. 8].

Аҳкоми мақсад дар худ ягонагии ташаккули назарияи ҳудудӣ, манфиатнокӣ, интихоби истеъмолгар, тақозою арза, арзишу нарх, хароҷоту даромадро дар бозори алоҳидаи захира(омилҳо)-и истеҳсолот таҷассум мекунад.

Истифодаи таҷрибаи гузаштаю ҳозира, эҳсосияту хулосабарорӣ, хусусиятҳои тадбиқи иқтисоди бозорӣ дар амалияи хоҷагидорӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, амалӣ гардондани сиёсати иқтисодии давлат бидуни вазифаҳои дарк ва эҳсоси равандҳои миқдорӣ, тавсифи тарзу услуби тадқиқот барои илмҳои мушаххаси иқтисодӣ, истифодаи таҷрибаи хоҷагидорӣ, гузаронидани ислоҳоту таҷриба ва пешбиниҳо, санҷиши натиҷаи тадқиқотҳои назариявӣ ва истифодаи факту рақамҳо дар амалияи хоҷагидорӣ, натиҷаи хулосабарорӣ имконнопазир мебошад. [6, с.44].

Дар асоси вазифаҳои мазкур мақсади микроиқтисодро ҳамчун кулли васоил, таҳлилу таҳқиқ ва тарзу услуби истифодаи захирахои иқтисодии комёбу маҳдуди ҷомеа, таъмини муозини раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ, озодии иқтисодӣ, нарх, даромад, шуғли аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, раванди иқтисодиву иҷтимоӣ, сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва дар мояи онҳо қонеъ гардондани тақозои беинтиҳои

субъектҳои иқтисодӣ ва дар амал тадбиқ намудани масоили умда ва тазоди асосии иқтисод тасаввур мекунанд. Вазифа ва мақсади микроиқтисод мустақиман бо воситаи фаъолияти субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодии давлат сурат мегирад.

**Субъекти микроиқтисодӣ** фишанге мебошад, ки бо воситаи он мақсад ва вазифаи таҷдиди захираҳо дар доираи хонавода, фирма (бизнес, бозор) ва мезоиқтисод (соҳаҳои алоҳида) амалӣ гардонда мешавад. Дар ҳаёти воқеӣ ба сифати субъекти микроиқтисод – субъектҳои иқтисод - аъзоёни хона (оила), коргарон, кормандони маъмурӣ, соҳибкорон, менеҷерон, бозоршиносон, муҳандисон, технологҳо, муҳосибон, иқтисодчиён, ҳуқуқшиносон, мудирони шуъбаҳо, иттиҳодияҳо, ширкатҳо, соҳаю ҳавзаҳои алоҳида, субъектҳои бозор, агенту институтҳои алоҳида… эътироф карда мешавад.

Бо ибораи дигар, сарҷамъи иштирокчиёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ (истеҳсолоти моддӣ, ғайримоддӣ, хадамот); иштирокчиёни ҳавзаи тавлид, тақсим, муомилот ва истеъмол; субъектҳои бозор (тавлидгар, миёнарав, савдогар, харидор, фурӯшанда, истеъмолгар…), тавлидгарону истеъмолгарони захираҳои аввалаи истеҳсолии дохилии мамлакат ва мамлакати хориҷӣ субъектҳои иқтисодиро ташкил медиҳанд.

Фаъолияти кулли субъектҳои микроиқтисодиро масоили: таҳлилу таҳқиқи масоили умда (асоси)-и иқтисод, фаъолият (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, хориҷӣ); ташкили хароҷоту нарх; ташкилу тақсим ва азнавтақсимкунии даромаду фоида, захира, пасандоз; таъмини рушди иқтисод, муносибатҳои молию пулӣ, қарзию асъорӣ; рақобату рақобатпазирӣ; муайян кардани сатҳу дараҷаи некӯаҳволӣ, бекорӣ, шуғли аҳолӣ, сабабҳои буҳрону касри иқтисодӣ ва ғайра ташкил ва бо ҳам пайваст мекунад.

**Объекти микроиқтисод** ҳамчун натиҷаи тадбиру амалиётҳои субъект ва агентҳои иқтисодӣ, фаъолияти иқтисодии одамон, файсала (интихоб), рафтор (муомила), қарору қарордодҳо ва таъсири объективии табиат сурат мегирад.

Ба сифати тадқиқи объекти микроиқтисод эътироф карда мешавад:

- муомилаи истеъмолгар дар бозори инфиродӣ, тақсими даромад, назарияи интиҳоии манфиатнокӣ;
- муомилаи субъектҳои фирма дар бозори рақобати комилу нокомил: монополия, монопсония, олигополия, дуаполия;
- бозори омилҳои истеҳсолот (бозори сармоя, меҳнат, замин, технология, иттилоот, дониш);
- захираҳои иқтисодӣ: моддӣ, табиӣ, пулӣ, қарзӣ, молиявӣ, асъорӣ, сарвату доройӣ, қоғазҳои қиматнок;
- захираҳои инвеститсионӣ: сармоя (асосӣ, гардон), воситаҳои истеҳсолот, предметҳои истеъмолии талаби ҳаррӯза дошта ва дуру дароз хизматкунанда ва ғайра. [10, с 7; 6, с. 68].

Таҳлили ҳодиса ва равандҳои микроиқтисодӣ на танҳо дар чорчубаи қонунҳои объективии иқтисодӣ, балки метод ва методологияи назарияи иқтисод сурат мегирад. Метод вобаста ба сирати низомҳои иқтисодӣ, ашколи моликияту хоҷагидорӣ, зиддияти асосии иқтисод, масоили умдаи иқтисод, сирати хоса (ё умумӣ) гирифта, пайдо, инкишоф, таҳаввул ёфта, рӯ ба рукудӣ ниҳода аз байн меравад.

Усулҳои таҳлили микроиқтисод таърихан таҳти таъсири рушд ва такомули қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳои истеҳсолӣ, низомҳои иқтисодӣ, тафаккур, тазод ва қонунҳои объективии иқтисод ба тасвиб расидаанд.

Аксарият ақида ба он доранд, ки усулҳои микроиқтисод дар мояи ғояҳо (идеяҳо)-и фалсафа – ҳастӣ, (моддиёт), тафаккур, ҳаёти моддӣ, сабабу натиҷа, тазод, инъкору инъкор, дарку хулосабарорӣ, нисбию мутлақ, пайдоиш, инкишоф, рушд, таназул, тағйирёбии сифатию миқдорӣ ва ғайра ташкилу густариш меёбад.

Ҳодисаю раванд, субъекту объект, омилу нишондиҳанда, мафҳуму қонунҳои иқтисодӣ, ки кунун зиёда аз 4 млн.- ро дар бар мегиранд дар пояи метод (усул) ва методологияи муайян сурат мегиранд.

Назарияи муосири микроиқтисод на танҳо таҳлилу таҳқиқи ҳодиса ва равандҳои иқтисодиро дар шоҳсутуни методҳои анъанавӣ (классикӣ – диалектикӣ, нисбию мутлақ, инъкору инъкор, миқдорию сифатӣ, анализ (таҳлил)-у синтез(таҷзия), индуксияю дедуксия(факту назария), таърихию мантиқӣ, конкрети (мушаххас)-у абстрактӣ(таҷрид), балки усулҳои хосаи: позативи(мусби)-ю нормативӣ(меъёрӣ), риёзию оморӣ, эксперимент(таҷриба)-ю реформа(ислоҳот), тадқиқоти назариявию мушоҳидаҳои амалӣ, фарзият(гипотеза)-ю санҷиш, таҷдиди натиҷаю интихоби назария, интизорию ҳақиқатпазирӣ, гурӯҳбандию тамсилабандӣ ва ғайра қарор медиҳад. [6, с. 40].

Усул ва услубҳои тадқиқоти микроиқтисодӣ робита ва алоқаи байни субъектҳои иқтисодӣ, амалиёт, рафтор ё худ қоидаю қонунҳои хонадорию хоҷагидориро ҳамҷоя ифода мекунанд.

Иқтисодчиёни муосир бештар ба чунин услубҳои тадқиқоти микроиқтисодӣ аҳамият медиҳанд:

- файсалаи захираҳо, қабули қарорҳо, мақсад ва роҳҳои амалигардонии онҳо;
- интихоби мусоидтарини қарорҳо, имконият, нерӯҳои истеҳсолӣ ва тарзи ҳаёт;
- муқоисаи хароҷотҳо, интизории амалиёт (хароҷот, даромад), муқоисаи манфиатҳо;
- таъмини мусоидтарини хароҷоту даромад, сарфаю сариштакорӣ, истеъмолу пасандоз, ҳавасмандӣ;
- таъмини тамсилаи қулайтарини таъсири давлат ба бозор (моликияти ғайридавлатӣ);
- вобастагии нарху қонуни муомилоти пул, таварруму бекорӣ, сармоягузорию инноватсия ва ғайра.

Кунун муайян шудааст, ки таҳлил ва таҳқиқи усул ва услубҳои макроиқтисодӣ бо назардошти чунин лаҳзаҳо имконпазиранд:

- муайян намудани: ҳавзаи тадқиқот; сабабҳои пайдоиш, зарурияти амал, муҳит, зиддият, хусусият, омил, аломат, нишондиҳанда, объект, таҳлил; мақсад, вазифаҳои асосии иқтисод ва ғайра;
- интихоби субъекти тадқиқот: фард, оила, хонавода, фирма, ширкат;
- тавсифи предмети тадқиқот: ҳаёти инсони иқтисодӣ (тафаккури иқтисодӣ), гурӯҳи одамон, фаъолият, хулқу атвор (рафтор), муомила;
- таҳлилу таҳқиқи раванд ва ҳодисаҳои иқтисодӣ, равобити мутақобилаи омилҳои таъсиррасон ва таъсирқабулкунанда, оқибати ниҳоии онҳо дар таъмини рушд ва рифоҳи аҳолӣ.

**Предмет (фанн)-и микроиқтисод,** ки бевосита дар таҳлилу тадқиқ, дарку омӯзиши муносибат, алоқа, рафтор ва қабули қарорҳои субъектҳои иқтисодӣ ва истеъмолгарон перомуни файсалаю тақсим ва истифодаи захираҳо, вазъу ҳолати бозорҳои алоҳида, ҳаҷму меъёри неъматҳову хадамот, нарху хароҷот, даромаду фоида зуҳур мегардад, имкон медиҳад, ки ҳаракати даврагии даромаду хароҷот, захираву неъмат, омил, нишондиҳанда, муозинию чандирӣ, тақозою арзаи бозорӣ, рафтори истеъмолгар ва интихоби субъекту агентҳои иқтисодӣ, механизм ва инфрасохтори бозор воқеан, таъмин ва густариш дода шавад. Вай барои ташаккули тафаккури иқтисодӣ дар сатҳи хонадорӣ (хоҷагиҳои хонавода, оила), хоҷагидорӣ (фирма, корхона, ширкат…), бозор (бозорҳои алоҳида, омилҳо…) ва сатҳи ташкили бизнес (соҳибкорӣ) бештар мусоидат мекунад.

Муҳаққиқон вобаста ба сохтор, нақшу макон, вазифаю мақсад ва хусусиятҳои ташкили низомҳои иқтисодӣ микроиқтисодро аз нигоҳи микроиқтисоди табиӣ,

назариявӣ, амалӣ, воқеӣ, илмӣ, мусбӣ(позитивӣ), манфӣ(нормативӣ, меъёрӣ) ва ғайра мавриди таҳлил қарор медиҳанд ва ба сифати фан(объекти омӯзиш)-и он нишондиҳанда ва омилҳои гуногунро тавсия мекунанд. [8, с.345].

**Микроиқтисоди назариявӣ** ҳамчун тавсифу таснифи назария, ақида, мулоҳиза, натиҷаю хулосабарорӣ, ҷамъбасти фаъолияти субъектҳои бозор ва ғайра баррасӣ мегардад.

**Микроиқтисоди табиӣ(воқеӣ)** ҳамчун сатҳи эҳсосу дарк ва эътироф кардани алоқаю муносибатҳои объективии байни тавлидгарону истеъмолгарон, файсалаи захираҳо, рафтори истеъмолгарон, ташаккули қонунияту қонунҳои иқтисодӣ, тақозои беинтиҳои субъект, агент ва институтҳои иқтисодӣ тасаввур карда мешавад.

**Микроиқтисоди пазитивӣ** вазъу ҳолати ҳодиса ва равандҳои иқтисодӣ, муносибат ва алоқаҳои воқеию ҳақиқатпазири байни субъектҳои иқтисодиро дар асоси дарку омӯзиши факту рақамҳои оморию риёзӣ, ҳалли масъалаи маркази чӣ мавҷуд аст? ё метавонад вуҷуд дошта бошад? яъне услуби бояду шояд мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳад.

Ба сифати предмет (объект)-и омӯзиши макроиқтисоди позитивӣ: рафтори субъектҳои иқтисодӣ, қабули қарорҳои онҳо ва файсалаи қулайтарини вариантҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини самаранокии истифодаи захираҳо, ба ҳадди ақал расондани масрифот, ба ҳадди аксар боло бурдани фоидаю даромад ва қонеъ гардондани тақозои беинтиҳои субъектҳои иқтисодӣ қадр карда мешавад.

Самту равия ва сатҳу дараҷаи таҳлили илмии микроиқтисоди позитивӣ дар мояи истифодаи методҳои зер ба роҳ монда мешавад:

- **таҳлили интиҳоӣ** (предельный анализ – русс.) – ё худ маржинализм (манфиатнокӣ) усуле мебошад, ки таҳқиқи ҳодисаҳои иқтисодиро на танҳо аз нигоҳи анҷом ё худ фарҷоми амалиёт, балки идомаёбӣ, тағйиру дигаргунсозӣ дар назар дорад;
- **таҳлили функсионалӣ**, дарку таҳқиқи ҳодиса ва равандҳои микроиқтисодиро аз нигоҳи ягонагии сабабу натиҷа, тағйирёбии сифатию миқдорӣ,нисбию мутлақ ба сифати функсияю аргумент дар назар дорад. Талаб карда мешавад, ки сифати ҳодиса ва омилҳои ба он таъсиррасон муайян ва сониян таъсири акси онҳо (омилҳо) ба сифати ҳодисаҳои аввала (сабабу – натиҷа, функсияю аргумент) мантиқан паи ҳам мавриди таҳлил қарор дода шавад. [10, с. 9-11].

Яъне: $y=f(X)$

дар ин ҷо: $y$ – функсияи $X$;

$x$ – аргументи функсия;

$f$ – функсия.

Равиши мувозинӣ, бо мақсади дарк ва омӯзиши фаъолияти нисбии субъектҳои иқтисодӣ, сатҳ ва дараҷаи таъсиррасонии омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба раванди ташкилу ташаккул, тағйиру дигаргунсозиҳо ва таъмини рушд нигаронида мешавад. Дар ин ҷода, таҳлили мувозинии нисбӣ, номувозинӣ(номувозинии устувор) ва мувозинии устуворро таҳқиқ мекунанд. Дар мавриди:

- набудани заминаҳои дохилӣ ва тамоюл ба тағйироту дигаргуниҳо мувозинии нисбӣ (муқаррарӣ);
- таъсири ночизи омил ва шароити беруна ва мавҷуд будани дигаргуниҳои дохилӣ – мувозинии ноустувор;
- таҳти шароитҳои беруна ба вуҷуд омадани дигаргуниҳо дар низоми дохилӣ ва берунӣ, яъне низоми кулл – мувозинии устувор ҷой дошта метавонад.

**Усули назорат**, тақозо менамояд, ки назария ва амалия дар якҷояги амал намуда, назария қисман ё худ ғайримустақим ба сифати таҷриба дар амалия тадбиқи худро дарёбад. Дар аснои номувофиқии назария он эзоҳу такмил ё худ тағйиру дигаргун карда мешавад.

**Микроиқтисоди меъёрӣ (нормативӣ)** самту равиш ва роҳҳои тадбиқи ҳодисаҳои микроиқтисодро дар мояи услуби бояду шояд, чӣ ва чӣ тавр бояд бошад тавсия менамояд. Ҷонибдорони ин равия услуби тамсиласозӣ (моделирование – русс.)-и ҳодисаҳои иқтисодиро бо таври васеъ истифода мебаранд. Ба сифати тамсилаи мусоидгардонӣ (оптимизатсия – русс.)-и рафтори субъектҳои микроиқтисодӣ бештар масоили манфиатнокии интиҳоӣ, интиҳои маҳсулот, интиҳои масрифот(хароҷот), интиҳои даромад ва ғайра истифода мешаванд.

Назарияи микроиқтисод ба сифати шоҳсутуни сиёсати иқтисодии давлат хизмат мекунад. Дар навбати худ давлат тактика ва стратегияи инкишофи субъектҳои микроиқтисодро дар асоси қонуну қонуниятҳо барои давраҳои ҷорӣ ва оянда муайян карда, имкон медиҳад, ки субъектҳои микроиқтисод фаъолияти худро дар асоси услубҳои ҳисоби тиҷорат ва қонунҳои бозор ба роҳ монанд.

**Адабиёт**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. ш.Душанбе. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.president.tj/node/19088 (санаи вуруд: 28.01.2019).
2. Бобокалон Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми якум. Китоби дарсӣ тахассусҳои иқтисодӣ.-Душанбе.: «Бухоро», 2014.-585с.
3. Белоусова И.Э. Микроэкономика. Базовый курс: Учебник.-М.: Юрайт, 2013.-263с.
4. Вечканов Г.С. микроэкономика: Учебник для вузов: Стандарт третьго поколения.-СПБ.: Питер, 2012.-464с.
5. Воронов Ю.П. Мост между микроэкономикой и макроэкономикой (о нобелевской премии по экономике 2015 г.) Экономический журнал. ВШЭ 2016. Т. 20. № 1. Стр. 175-190 [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://elibrary.ru/item.asp?id=25471320 (санаи вуруд: 28.01.2019).
6. Муҳадбердиев Ҳ., Шарипов М.М., Машокиров Ҷ.Н., Назарияи иқтисод. Микроиқтисод. Васоити таълимии мусаввар.-Душанбе: «Эр-граф», 2013.-320с.
7. Микроэкономика. Материал из Википедии — свободной энциклопедии [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Микроэкономика (санаи вуруд: 01.02.2019).
8. Саенко В.И., Ходжаян Н.Н. Предмет и функции микроэкономики. «Вестник современных исследований» Выпуск № 6-4 (21) (июнь, 2018). [Электронный ресурс]. – Режим доступа:http://www.orcacenter.ru/journals/ modern -esearch/mr.2018.06.04.pdf (санаи вуруд: 02.02.2019).
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Сомонаи расмии Бонки миллӣ: [Электронный ресурс]. - Режим доступа:http://www.nbt.tj/ upload/strategia/strategiya_tj.pdf (санаи вуруд: 28.01.2019).
10. Шарифзода М.М., Муҳадбердиев Ҳ., Машокиров Ҷ.Н. Микроиқтисод. Китоби дарсӣ. Душанбе, Маориф. 2018.-348с.


УДК 331.7

**Бегов А.О.**

## ИДОРАКУНӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ

*Мақола фарогири омӯзиши масъалаҳои мубрам оид ба захираҳои меҳнатӣ, идоракунӣ ва тарзи ҳисоби онро ба таври мушахас пешниҳод мекунад.*

*Дар шароити имрӯза ба кор андохтани корхонаҳои саноатӣ, самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ, инчунин дар ин самт истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, дар пешрафти фаъолияти иқтисодии мамлакат роли муҳим мебозад.*

*Бинобар ин пешниҳодҳои дар мақола овардашуда фикр мекунам, ки барои пешбурди фаъолияти минбаъда оид ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ саҳми худро мегузорад.*

***Вожаҳои калидӣ**: истеҳсолот, баҳодиҳӣ, захира, фоида, идора, ҳисобот, маҳсулот, арзиши аслӣ, захираҳои инсонӣ,, меҳнат, имтиёз, тахассус, самаранокӣ, музди меҳнат, маблағ, андоз, табел, шуъбари кадр, коргар, пардохт, назорат, рушд.*

**Бегов А.О.**

## УПРАВЛЕНИЕ И УЧЁТ ТРУДОВЫХ РЕССУРСОВ

*В статье рассматриваются изучение актуальных проблем по трудовым рессурсам, конкретные способы и методы их управления и учёта.*

*В современных (сегодняшних) условиях плодотвоное использование трудовых рессурсов и эксплуататция промышленных предприятий играют важную роль в экономической деятельности государства.*

*Ввиду приведенных в статье предложений, имеем основание пологать, что данная статья внесёт свой вклад а далнейшее развития в использовании трудовых рессурсов.*

***Ключевые слова:** производство, оценивание, ресурсы, управление, учёт, продукция, себестоимость, труд, льготы, специальность, плодотворный, заработная плата, финансы, налог, табель, отдел кадров, работник, взнос, надзор, развитие.*

**Begov A.O.**

## MANAGING AND RECORDING LABOR RESERVES

*Learning the actual problems of labor reserves, definite ways and methods of management and their recording are considered in the article.*

*In the current context start-up of industrial plants, effective usage of labor reserves, in this direction effective usage of labor reserves plays the important role in the important role in the economic development of the country.*

*That is why, I think the proposed recommendations will contribute in further development of labor reserves.*

***Key words:** production, evaluation, reserves, management, record, product, prime cost, labor, privileges, specialty, effective, salary, finances, fax, time sheet, human resource department, employee, fee, control, development.*

Аҳамияти инсон дар раванди истеҳсолот дар сатҳи омӯзиши фанҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳамеша марвиди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дорад. Имрӯз барои ҳамагон пӯшида нест, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан ба иқтисодӣ бозори гузашта ва пурра дар асоси қонунҳои бозор амал карда истодааст. Ҳар як корхона барои кор ва фаъолияти худ ҷавобгӯ буда, мустаъқилона барои тарақиёти минбаъдааш қарор қабул мекунад. Дар иқтисодиёти бозорӣ ҳамон корхонае амал карда метавонад, ки захираҳои дар ихтиёраш бударо дар ҳолати зарурӣ, самаранок

истифода бурда, проблемаҳои асосии фаъолияти иқтисодии худро ҳал намуда, даромад ва фоидаи соф ба даст орад.

Аз таъмин будани корхона бо захираҳои меҳнатӣ ва самаранок истифодабарии онҳо аз ҳаҷм ва сари вақт иҷрои ҳамаи корҳо, дараҷаи истифодабарии мошин, механизм ва дастгоҳҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, арзиши аслии он, фоида ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии корхона вобастагӣ дорад.

Бе одамон корхона, ташкилот ва муассиса вуҷуд надорад.

Бечунучаро идораи захираҳои меҳнатӣ яке аз аспетҳои муҳими назария ва амалияи идоракунӣ ба шумор меравад.

Идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар худ давраҳои гуногунро дар бар мегирад:

1. Банақшагирии захираҳо – коркардабароии нақшаи қонеъгардо- нии талаботи оянда дар захираҳои инсонӣ;
2. Ҷалби ҳайат – ташкили захираҳои номзадҳои беҳтарин аз рӯи ҳамаи вазифаҳо;
3. Ҷудо намудан – баҳодиҳии номзадҳо дар ҷои корӣ ва қабули беҳтаринҳо аз захираҳо;
4. Муайянкунии музди меҳнат ва имтиёзҳо – коркардабароии музди меҳнат ва имтиёзҳо бо мақсади ҷалб ва нигоҳдории хизматчиён;
5. Касбинтихобкунӣ ва мувофиқашавӣ – вориди кормандони ҷалбшуда ба ташкилот, баландшавии фаҳмиши кормандон дар хусуси оне, ки ташкилот аз ӯ чиро интизор аст ва кадом меҳнат дар ӯ баҳои арзандаро гирифта метавонад;
6. Таълим – коркардабароии барнома барои таълими хусусиятҳои меҳнатӣ, ки дар самаранок иҷрокунии корҳо талаб карда мешавад;
7. Баҳодиҳии фаъолияти меҳнатӣ – коркардабароии усули баҳодиҳ- ии фаъолияти меҳнатӣ ва расонидани он то коргар;
8. Боловарӣ, паствавӣ, гузаронидан, озод намудан – коркардаба- роии усулҳои ҷойивазкунии кормандон ва вазифаҳои масъули- яти зиёд ва кам дошта, инкишофи тахассуси кормандон бо роҳи гузаронидан ба дигар вазифаҳо, қатъ намудани шартномаи басташуда;
9. Тайёркунии кадрҳои роҳбарикунанда, идоракунӣ ва пешравӣ аз рӯи хизмат – коркардабароhии барнома барои рушди баландбар- дории самаранокии меҳнати кадрҳои роҳбарикунанда.

Аз ҳама омилҳои дар ҳоло истифодашавада ва харҷталаб меҳнат ба ҳисоб меравад. Баҳисобгирии захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо диққати ҷидиро дар самти хароҷоти музди меҳнат ба вуҷуд меорад.

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибии захираҳои меҳнатӣ иборат аст, аз:

- дуруст ва сари вақт ҳисоби музди меҳнат ва пардохти он дар муҳлати муқарраршуда;
- тақсимоти дурусти маблағҳои ба музди меҳнат аз рӯи хароҷотҳои равоншуда;
- дуруст ва саривақт доштан ва пардохт намудани андозҳо аз даромади шахсони воқеӣ;
- ҷамъ ва гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо оид ба меҳнат ва музди меҳнат барои мақсадҳои роҳбарии фаврӣ ва тартибдиҳии ҳисобот ва ғ.

Меҳнати корманд қисми асосии раванди истеҳсолот ба шумор меравад. Иштироки корманд дар ҳиссаи аз нав ташкили неъматҳои моддӣ ва маданӣ дар шакли музди меҳнат баромад мекунад, ки он бояд ба шумора ва сифати хароҷотҳои меҳнатӣ карда бояд баробар бошад.

Музди меҳнат – воситаи муҳими баланд бардоштани манфиатҷӯии корманд ба натиҷаи кори худ, ҳосилнокии он, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва назорати сифати он мебошад. Музди меҳнат сарчашмаи асосии даромади корманд ба

шумор меравад, ки бо ёрии он аз болои андозаи меҳнат ва истеъмолот назорат мекунад.

Пардохт оиди меҳнат, ҳисоббаробаркунии ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бо назардошти як қатор элементҳои дигари хароҷот – хӯрдашавии воситаҳои асосӣ, даромад (бе хароҷотҳои моддӣ) дар худ арзиши иловагиро пешниҳод мекунанд, аз он андоз ситонида мешавад. Бинобар ҳамин ҳисоби дурусти ин арзиш бо муайянкунии дурусти андозаи музди меҳнат алоқаи зич дорад. Ғайр аз ин, пардохт оид ба меҳнат таҳкурсии асосиест барои муайянкунии: андозаи индексасия бо сабаби болоравии нарх дар мол ва хизмарасониҳои истеъмолӣ; маблағи ҳисоб ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба фонди ҳамкорӣ бо шуғли аҳолӣ; андоз аз даромади шахсони воқеӣ; дигар боздоштҳо ва ҳисобкуниҳо аз музди меҳнат.

Даромадҳои меҳнатии ҳар як коргар новобаста аз намуди корхона саҳми меҳнатии ӯро бо назардошти натиҷаҳои охирини кори корхона муайян менамояд.

Бо мувофиқа ба ин дар корхона, ташкилот ва муасисаҳо ҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибии меҳнат ва пардохти он бояд чунон ташкил карда шаванд, ки таъмини назоратро аз болои:

- шумораи коргарон ва истифодабарии вақти корӣ;
- ҷобаҷокунии дурусти ҳуҷҷатноккунӣ;
- ҳисобкунии саривақтии музди меҳнат, ёрдампулиҳо дар муҳлати муқарарркардашуда ва пардохти он;
- доштани саривақтии андозҳо ва пардохти он ба буҷет аз рӯи таъинот;
- тақсимкунии музди меҳнат аз рӯи арзиши аслӣ;
- истифодабарии фонди музди меҳнат ва пардохти мукофотпулиҳо;
- тартиб додани ҳисобот оид ба меҳнат ва музди маош ва пешниҳоди он мақомотҳои идоравии дахлдор – ро таъмин намояд.

Ҳисоби ҳайати шахсии ва ҳисоби истифодабарии вақти корӣ дар корхона, ташкилот ва муассисаҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин бурда мешавад: Қонуни ҶТ “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, Кодекси шаҳрвандии ҶТ, Низомнома оид ба бурдани ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ. Кодекси меҳнатии ҶТ, Кодекси андози ҶТ., Низомнома оид ба тарзи таъмини ёрдампулиҳо оид ба қобилияти ғайримеҳнатӣ ва таввалуди кӯдак дошта ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ.

Ҳисоби фаврии ҳайати шахсӣ ба души шуъбаи кадрҳо, ки қабул, гузариш ва аз кор озод намудани кормандонро дар асоси: аризаи ба кор қабулшавӣ, фармон дар бораи қабул ва аз кор озодкунӣ, пешниҳод оид ба рухсатӣ баромадан ва ғайра вогузор карда шудааст.

Аввалин маротиба ба кормандоне, ки ба кор ҷалб мешаванд дафтарчаи меҳнатӣ дода мешавад, ки он то аз кор рафтан дар шуъбаи кадрҳо нигоҳ дошта мешавад. Ба ҳар як корманд варақаҳои шахсӣ кушода мешавад, ки дар он маълумотнома оиди фаъолияти корӣ, таҳсил, баландшавии дараҷаи корӣ, гузариш ва ғайра дарҷ карда мешавад. Ин маълумотҳои ҳисоби фаврӣ, дар тартиб додани ҳисоботҳо оид ба шумора ва ҳайати кормандон ҳамчун асос хизмат мекунанд.

Дар ҳар як корхона реҷаи муайяни меҳнат қабул карда шудааст. Назорат аз болои риояи он бо ёрии ҳисоби табелӣ бурда мешавад. Ин ҳуҷҷат мушоҳидаро аз ба кор ҳозиршавӣ ва рафтан аз кор, сабабҳои ба кор дермонӣ ва наомадан ба кор, гирифтани маълумот оид ба вақти воқеии коркардашуда, сари вақт тартиб додани ҳисобот дар бораи ҳаракати коргарон, истифодаи вақти корӣ ва ҳолати интизоми меҳнат хизмат мекунад.

Табел рӯйхати кормандонро бо тарзи номи пешниҳод мекунад. Дар он рақами табелии корманд, насаб, ном ва номи падар, шумораи соатҳои коркардашуда, аз

ҷумла рӯзҳои истироҳат, наомадан ба кор (бо сабаби касалӣ, дар сафари хизматӣ будан, рухсатии меҳнатӣ, иҷроиши ӯҳдадориҳои давлатӣ ва ғ.) нишон дода мешавад. Дар табел баъзе аломатҳо, ки бо ҳарфҳо ишора карда шудааст, ҷой дода мешаванд.

Дар охири моҳ табел ҷамъбаст карда шуда, пас аз пурра ҳисоб намудани маълумотҳо аз тарафи шахсони мутасаддӣ имзо шуда ба муҳосибот супорида мешавад. Инчунин онро барои тартиб додани ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлили низоми меҳнат низ истифода мебаранд.

Ҳисоби ҳайати шахсӣ ва вақти коркардашуда метавонад ҳам ба таври механикӣ ва ҳам ба таври автоматикӣ коркард карда шавад. Дар шароити имрӯзаи пешрафти техника ва технология қариб дар ҳамаи корхона, ташкилот ва муассисаҳо тарзи автоматикии ин коркардҳо истифода мешаванд, ки тарзи пешбурди фаъолияти кориро осон мегардонад.

Аз рӯи табели пешниҳодшуда ҳисоби вақти корӣ, ҳисоби музди маош ва дигар нишондиҳандаҳо ҳисоб карда мешавад.

Хулоса нишондиҳандаҳои меҳнатӣ дар раванди фаъолияти ҳамагуна корхонаҳо мақоми хоса дорад.

Ҳисоби меҳнат ва музди маош бояд назорати фавриро оид ба шумора ва сифати меҳнат ва истифодаи воситаҳоро таъмин намояд.

Ҳалли ин масъалаҳо водор мекунонад, ки идоракунии самараноки корхонаро дар шароити иқтисоди бозорӣ ба роҳ монда шавад.

Ба хусус дар шароити имрӯзаи бозор диққати ҷиддӣ бояд ба сатҳи музди миёнаи меҳнат ва фонди музди меҳнат дода шавад. Хусусан аз ин зумра вобастагии зиёд дорад:, сар карда аз таъминоти моддии корманди муайян то сатҳи рушди иқтисодии мамлакат.

Оид ба масъалаҳои иҷтимоии коргар низ бояд аҳамияти ҷиддӣ дод. Дар кадом шароит коргар кор мекунад, чӣ тавр таъминоти моддӣ ва маънавӣ дорад, инфрасохтори иҷтимоиаш дар кадом зина қарор дорад, ин аст он саволҳоест, ки ба худ ҷавобро металабад.

Дар паёми навбатиаш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаштан ба ҷумҳурии индустриалӣ-аграрӣ гуфта буд: “Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти комуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳоли мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем”.

Ин тадбирҳои Ҳукумати мамлакат соҳаҳои дахлдорро водор мекунад, ки дар сатҳи тайёр кардани мутахассисони касбӣ, ки ҳамчун захираҳои меҳнатии дар бозори меҳнат тобовар, ҷидду ҷаҳд намоянд.

**Адабиёт**


1. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия //Учеб. Пособие. – Минск: Новое знание, 2002. - с. 249-289.
2. Шарипов З.Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. -Душанбе: “Ирфон”, 2011, с.84-88.
3. Қонуни баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ҶТ. Душанбе – 1999с.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Положение по ведению бухгалтерского учета и бухгалтерской отчетности в Республики Таджикистан” Утвержденно приказом Минфина РТ. От 30.12.99г. №163.

УДК 339.13

**Султанов З., Зубайдов С.**

## К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ИНФРАСТРУКТУРЫ ОПТОВОЙ ТОРГОВЛИ РЕГИОНА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

*В статье изложена формировании инфраструктуры оптовой торговли региона в условиях глобализации, а также приводятся ассоциативная оптовая торговля как одна из основных форм интеграционных трансформаций в рыночной среде потребительского рынка.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, формирования, оптовой торговли, потребительского рынка, инфраструктуры, региональной экономики, товарным рынкам.*

**Султанов З., Зубайдов С.**

## ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ИНФРАСОХТОРИ САВДОИ ЯКЛУХТИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯ

*Дар мақола ташаккули инфрасохтори савдои яклухсти минтақа дар шароити глобализатсия баррасӣ гардидааст, инчунин савдои яклухти ассостсиатсионӣ, ки яке аз шаклҳои трансформатсионии интеграсионӣ дар муҳити бозори матлубот оварда шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *глобализатсия, ташаккул, савдои яклухт, бозори матлубот, инфраструктура, бозори минтақа, бозори маҳсулотӣ.*

**Sultanov Z., Zubaydov S.**

## TO THE QUESTION OF THE FORMATION OF WHOLESALE TRADE INFRASTRUCTURE OF REGION IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION

*The article describes the formation of the wholesale infrastructure of the region in the context of globalization, and also provides associative wholesale trade as one of the main forms of integration transformations in the market environment of the consumer market.*

***Keywords:*** *globalization, formation, wholesale, consumer market, infrastructure, regional economy, commodity markets.*

Глобализация сферы потребительского рынка, активное и динамичное развитие розничного сектора торговли и торговых сетей показывают ряд проблем торгового посредничества. Прежде всего, речь идет о неадекватном состоянии оптового сектора возрастающим потребностям розничной торговли и населения в обеспечении товарными ресурсами и услугами. Вопросы формирования инфраструктуры и качественной трансформации оптовой торговли актуальны не только в масштабах всей страны, но и в региональном аспекте.

Глобализация торговли и торговые сети на современном этапе развития не в состоянии решить задачу развития межрегиональной оптовой торговли и строительства разветвленной сети распределительных складов, а многие регионы не могут обеспечить свое население продовольственными товарами и товарами повседневного спроса за счет

собственных возможностей. Особое обстоятельство это приобретает для отдаленных и труднодоступных регионов, где сохраняется досрочный завоз товаров.

Для региональной экономики современная оптовая торговля позволит обеспечить высокую интенсивность и ускорение движения товарных потоков, создаст потенциальные предпосылки для усиления процессов межрегионального товарного обмена на основе системы многоканальных поставок и сформирует механизм их реализации за счет развития логистики и современного транспортно-складского комплекса.

Результаты деятельности оптовой торговли как посредника между производством и потреблением, регулирование всего процесса оборота товаров в экономической среде потребительского рынка региона во многом зависят от уровня организации и инфраструктуры оптового посредничества. Инфраструктуру оптовой торговли, по нашему мнению, целесообразно рассматривать в двух взаимосвязанных аспектах: как совокупность субъектов по оказанию посреднических услуг в продвижении товаров и с точки зрения масштабности уровня организации посреднического звена.

Цель развития инфраструктуры оптовой торговли – обеспечить рыночное разнообразие посреднических структур для наилучшей организации продвижения товаров, их беспрепятственного поступления, устранения излишней нагрузки на каналы распространения товаров. Организации оптовой торговли призваны выполнять роль катализатора деятельности местных региональных товаропроизводителей [1].

В настоящее время на региональном уровне выделились следующие группы организаций оптовой торговли: независимые оптовые организации (специализирующиеся на оптовой деятельности предприятия), предприятия – оптовые посредники и организаторы оптового оборота [2].

Ведущее место принадлежит независимым оптовым торговцам с приобретением права собственности на перепродаваемый товар и всех рисков. К ним относятся холодильники, базы, склады и другие оптовые организации, торговые дома, дилерские организации предприятий-производителей, предприниматели (физические лица без образования юридического лица). Эти субъекты оптовой торговли закупают товары непосредственно у товаропроизводителей как в регионе размещения, так и на остальной территории Республики Таджикистана и доводят их до организаций розничной торговли, в том числе и торговых сетей, а также и иных потребителей в зоне своей деятельности.

Помимо специализированных на оптовой торговой деятельности организаций, оптовую торговлю на уровне региона осуществляют сбытовые структуры местных товаропроизводителей и оптовые структуры крупных розничных торговых сетей и объединений. Активизируется деятельность на рынке оптовой торговли предприятий-посредников, которые действуют по поручению клиента без перехода права собственности на товар. Это региональные дистрибьюторы крупных промышленных или торговых фирм, агентские фирмы – предприниматели (физические лица) без образования юридического лица [2, с.12].

Важная роль в структуре оптовой торговле региона принадлежит предприятиям – организаторам торгового оборота: организованным товарным рынкам региона, функционирующим в качестве оптовых рынков, ярмарок, аукционов, товарных бирж. Данные структуры создают условия для оптовых продаж и оказывают значительное влияние на уровень цен на потребительские товары. На оптовых ярмарках осуществляются прямые контакты между потенциальными покупателями и товаропроизводителями с целью последующей перепродажи товаров. Оптовые продовольственные рынки призваны обеспечить оптимизацию товарных потоков на региональном рынке продовольствия, предоставлять местным сельхозпроизводителям возможности устойчивого выхода на рынок, ускорять и устранять излишнюю звенность товародвижения.

Следует отметить, что прогрессивность инфраструктуры оптовой торговли определяется соотношением мелких, средних и крупных организаций оптовой торговли и зависит от уровня развития конкуренции, научно-технического прогресса, стадии становления оптового сектора. В современных условиях глобализации центробежными становятся тенденции, связанные с процессами консолидации, укрупнения и интеграционными трансформациями с учетом экономических интересов субъектов рынка.

Значительное разнообразие типов и видов оптовых структур, характерное для современных условий, преобладание незначительных по размерам, с узким кругом оказываемых услуг организаций оптовой торговли усложняют звенность товародвижения, снижают конкурентоспособность и не соответствуют в полной мере требованиям глобализации торговли. В условиях глобализирующейся экономики, активном внедрении сетевых технологий бизнеса, укрупнении торговых структур необходимо упорядочение их типов и видов, формирование крупных оптовых организаций с полным комплексом оказываемых услуг. В экономической среде потребительского рынка нашей страны начинает происходить постепенный процесс формирования новых и современных организационных форм оптовых продаж, к ним следует отнести: создание распределительных центров, магазинов-складов, закупочных объединений и центров, ассоциаций оптовых организаций, оптово-розничных объединений и др.

Прогрессивный путь формирования инфраструктуры оптовой торговли – интеграция оптовых и розничных компаний в формате оптово-розничных объединений; сочетание функций оптовых посредников у торговых сетей и розничных продаж у оптовых фирм; интеграция структур оптовых посредников в торгово-финансовые группы.

Приоритетное значение для потребительского рынка региона приобретают крупные независимые оптовые торговцы, призванные выступать в роли важного регулятора процесса оборота оптовой торговли, организовывать продвижение товаров на рынок на основе современных логистических решений. Крупные специализированные оптовые структуры привлекательны для всех субъектов потребительского рынка, поскольку максимально обеспечивают выполнение всех функций оптового посредника и услуг, аккумулируя необходимую информацию о продвижении товаров и развитии потребительского рынка региона. Это дает возможность регулировать процессы, происходящие в экономической среде потребительского рынка, осуществлять межрегиональные и многоканальные поставки товаров [3].

Создание распределительных центров – это тоже современное направление формирования инфраструктуры оптовой торговли. Система распределительных центров включает «открытые распределительные центры» в качестве самостоятельных оптовых фирм и закрытые, которые не выполняют самостоятельную закупочную деятельность, но обеспечивают закупки и формирование ассортимента товаров для снабжения магазинов торговых сетей.

Современные открытые распределительные центры, по мнению экспертов, целесообразно создавать по оптовым продажам однородной продукцией с глубоким ассортиментом позиций: по реализации обуви, одежды, посуды, товаров бытовой химии, спортивных товаров и др., или по реализации 2-3 товарных групп. В таких центрах, главным образом, осуществляются закупка товаров у товаропроизводителей, подсортировочная функция и централизованная доставка отобранных товаров по имеющимся заявкам потребителям. Открытые распределительные центры могут быть задействованы не только в организации региональной оптовой торговли, но и межрегиональных поставках. Поэтому правильнее говорить о зональных оптовых распределительных центрах, за каждым из которых необходимо закрепить свою территорию обслуживания. Для потребительского рынка региона возможно формирование межрайонных открытых распределительных центров, но уже с универсальным ассортиментом товаров.

Сетевые или закрытые оптовые распределительные центры не являются самостоятельными оптовыми посредниками и входят в состав крупных торговых сетей. Их задача – концентрация на складской территории значительного ассортимента товаров и осуществление централизованной доставки товарных ресурсов в магазины сети. Необходимость закрытых распределительных центров обусловлена высокой стоимостью прямых поставок товаров в сетевые магазины. Как правило, модель закрытого распределительного центра предполагает сосредоточение широкого ассортимента продовольственных товаров и их доставку в магазины.

Важная роль в товарообеспечении независимых магазинов и их объединений принадлежит закупочным центрам и кооперативам, ассоциациям оптовой торговли с целью противостояния торговым сетям в части централизованной закупочной деятельности.

Магазины-склады работают в формате «Usenet» и представляют собой нечто среднее между крупными оптовыми организациями и розничными операторами. Отличительной особенностью данного формата является контингент покупателей, представленный покупателями малого и среднего бизнеса (владельцев гостиниц, небольших ресторанов, кафе, маленьких магазинов и т.п.), а не объемы закупаемых товаров.

Несмотря на все разнообразие организационного оформления, функционального содержания и методов коммерческо-посреднической деятельности, в условиях глобализации торговли наибольшее значение приобретают интеграционные процессы в сфере оптового посредничества и связанные с этим процессы консолидации оптовой торговли. Необходимость интеграционных трансформаций продиктована условиями внешней рыночной среды, в том числе жесткой конкуренцией, повышенными требованиями товаропроизводителей и розничных операторов к объему, качеству и видам получаемых услуг от посредников.

В связи с этим наметились тенденции развития интеграционных процессов в формате альянса организаций оптовой торговли с производителями, поставщиками, оптовыми равноправными посредниками и магазинами. Одними из главных субъектов потребительского рынка региона должны стать ассоциации оптовой торговли, основанные на сетевых технологиях бизнеса.

Саразм чор давраи чандҳазорсолиро гузаронидааст. Аз руйи деворҳои пайдошуда шаҳр аз чор қабат иборат аст, ки фосила байни ҳар давра беш аз ҳазорсолист. Ва тавре мушоҳида мешавад аз як давра ба давраи дигар иморатсози модерн шудааст.

Таҷрибаи чандинсолаи гирдоварда дар сохтани нахустшаҳри гетӣ мусоидат кардааст. Шаҳрчаи Саразм нақшаи муайяне надошт ва гирди он бо девори дифоъи муҳофизат намешуд. Зеро аз ҳасму аду хавф набуд. Чангу лашкаркашӣ дар натиҷаи рақобат баъдтар сар мезанад. Саразм дар айёми шаклгирӣ масоҳати беҳад калонро ишғол мекардааст. Шаҳр чунон сохта шудааст, ки дар замони ҳозира ҳам дар бунёди шаҳрҳо ин омилҳо ба инобат гирифта мешаванд. Биноҳои истиқоматӣ, биноҳои маъмурӣ ва ибодатхонаҳо. Биноҳои истиқоматӣ аз биноҳои маъмурӣ ва маъбадҳо ба

кулли фарқ мекунанд. Биноҳои истиқоматӣ аз се-чаҳор ҳуҷраҳои хурд-хурд, саҳни ҳавлӣ ва якчанд ҳуҷраи дигар барои маҳфузи анҷому лавозимоти рӯзгор иборат аст, ки тангкӯчаю паскӯчаҳоро ҷудо мекунад. Ин биноҳои истиқоматӣ дар ибтидои бунёд хеле сода будаанд. Бо мурури замон онҳо ҷадидтар мешаванд. Аз боқимондаҳои чӯбҳои пӯсида ва пайи чӯбҳо дар болои лойдевор аён аст, ки хонаҳо ва умуман иморатҳо аз ҳамон вақт бо чуб пӯшонида мешудаанд. Ба ростӣ, хонаҳои ҳозираи тоҷикҳо ба хонасозии ҳамон давра хеле ва хеле монанд аст, вижа ба кӯҳистони мо ва танҳо аз назари эътиқоди андак фарқ мекунад. Раставу дӯконҳои ҳунармандӣ дар наздикии хонаҳои истиқоматӣ ҷойгир шудаанд. Оташдонҳо барои маъдангудозӣ ҳам ёфт шудааст. Биноҳои маъмурӣ бошанд аз якчанд толорҳои барҳавову даҳлезҳои баробарсамт иборат буда, бештари онҳо дар болои таҳкурсиҳои аз хишти хом сохташуда, дорои ду-се дари даромад ва якчанд тирезаҳои барҳавоянд. Маълум аст, ки меъморони бостонӣ сохти биноро пешакӣ матраҳ мекардаанд. Ҳокимони маҳалӣ аз ҳамин ҷо халкро идора мекарданд ва ҳатто қарору қоида ҳам ҳабул мешуддааст, ки бо ин мӯҳр тақвият меёфтанд. Ҳокими мутлақ доштани Саразми бостонӣ аз эҳтимол дур нест.

Саразмиёни бостон дар баробари барзгару ҳунарманд, тоҷиру меъмори замони хеш будан, дар рушди маданияти маънавӣ низ саҳм мегузоранд. Ҳанӯз аз охири ҳазорсолаи IV пеш аз милод дар биноҳои маъмулии саразмиён бузургдошти оташро мебинем, ки баъдан яке аз рукнҳои дини Зардуштӣ мегардад. Алъон якчанд маъбад дар Саразм бармало шудааст, ки аз эътиқоду эътимоди мардум дарак медиҳад. Дар маркази фарши толори ибодатхонаҳо оташдонҳои чоркунҷа сохта шуда, дар байни он ум ки начандон ҷукуре барои барафрӯхтани оташ мавҷуд аст. Аз боқимондаи устухонҳо дар дохили баъзе иморатҳо маълум мешавад, ки қурбон кардани мол аз ҳамон вақт ба ҳукми одат даромадааст. Дар рӯзгори пешина гови муқаддаси турро қурбон мекардаанд. Воқеан мардуми Саразм истеъмоли чорвои 1-1,5 соларо меписандидаанд, чаро ки бештари устухонҳои боқимонда ёфтаи бостоншиносон шаҳодат медиҳанд.

Кишоварзӣ ба сони дигар соҳаҳо дар Саразм то замони заволи он рушд кардааст. Сойи аз болои шахр ҷоришуда ба ин мусоидат мекард. Саразмиҳо рустаниҳоеро парвариш мекарданд, ки дар байни инхо ҷав ва гандум мавқеъи вижаро ишғол менамуданд. Намудҳои олоти деҳқонии Саразм бой нест. Каланди чӯбин, досҳои ҳархела ва шудгори ҷуфтӣ аз эҳтимол дур нест.

Дар масоҳати беш аз 100 га Саразмро бунёд кардаанд ва аҳолии он аз 3000 нафар иборат буда, дар марҳилаи интиҳоӣ, оқибат қариб, ки ба 10000 мерасад. Замони заволи Саразм аниқ аст, аммо сабабаш не. Танҳо бостоншиносон дар он ақидаанд, ки мумкин аст ё аз хушк шудани сойи болои шаҳристон мардум ин ҷоро тарк кардаанд ва ё ҳодисаи табиие ба мисли Шарораи ҳозира онро ба харобазор табдил додаст. Ҳоло баъзе бозёфтҳо дар музейи Саразм маҳфузанд.

Намунаҳои зебои кулолгарии қадимаи тоҷикон дар натиҷаи ҳафриёт дар Саразм, ки ба давраи баъдинаи энеолит ва асри биринҷӣ мансуб аст, кашф гардидаанд.

Шаҳраки Саразм аз қадимтарин ёдгориҳои таърихии мардуми Осиёи Марказӣ буда, дар ин ҷо кишоварзӣ, меъморӣ ва ҳунарҳои нафисаи ниёгонамон равнақ доштаанд. Пажуҳишгарон масоҳати ёдгории Саразмро 130 гектар ва теъдоди аҳолии онро 8000 муайян намудаанд. Дар ин шаҳраки бостонии аҷдодони мо аввалин нишонаҳои маданияти шаҳрдорию шаҳрнишинӣ ба мушоҳида мерасанд: биноҳои монументалӣ, кӯчаҳои сангфарш, инкишофи тиҷорат, дуконҳои ҳунармандӣ (кулолӣ, чармгарӣ, заршӯйӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, чӯбтарошӣ, чармгарӣ, сангтарошӣ…).

Аз бозёфтҳои Саразм маълум мешавад, ки дар ин мавзеи бостон ҳунари кулолгарӣ хеле ривоҷу инкишофёфта будааст. Бозёфтҳои кулолии Саразм аз он ҷиҳат хеле муҳиманд, ки мо дар навъу намуди зарфҳо ҳам нақшҳои ҳандасавӣ ва ҳам хатҳои амудию уфуқиро мушоҳида мекунем.

Дар ҳар як нақш маънои алоҳида нуҳуфтааст. Масалан, мо хатҳои ростеро, ки дар ин зарфҳо мушоҳида мекунем, маънои боридани борон ва хатҳои гирдогирди зарф кашидашуда маънои оби равонро доранд. Аз таҳқиқи ин зарфҳо маълум мешавад, ки аллакай ниёгони мо дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ба истеҳсоли чунин зарфҳое, ки сифатан хеле баланданд, ҳанӯз 5-6 ҳазор сол муқаддам машғул шудаанд.

Аз биноҳои Саразм баъзе деворнигораҳо низ кашф гардидаанд, ки яке аз пораҳои дар Осорхонаи миллӣ ба намоишгузоштаи он, ки мансуби ҳазораҳои IV-III-и то милод аст, тасвири ба свастика монанд дорад, ки яке аз рамзҳои тамаддуни ориёиҳо буд.

Дар зарфҳои ёфтшудаи саразмӣ бо ранги хеле барҷастаи ҷигарӣ тасвири секунҷаҳоро мушоҳида менамоем, ки аз таърихи хеле қадима доштанашон шаҳодат медиҳанд. Дар вақти ҳафриёт аз Саразм, инчунин, оташдонҳои бузургҳаҷм кашф шуданд. Чунин оташдонҳо ё хумдонҳо, ки маъмулан дар марказҳои муҳими истеҳсоли кулолгарӣ сохта мешаванд, гувоҳ бар онанд, ки дар Саразм ҳунари кулолгарӣ дар авҷ будааст. Бахусус, маҳсулоти сафолӣ бо сифат ва шаклу намуди олии худ дар авҷи равнақ будааст. То ба имрӯз се намуди зарфи дар чархи кулолгарӣ сохташуда маълуму муайян шудаанд, ки номгӯи онҳоро зарфҳои восанҷӣ, ошхонагӣ ва хӯроkхӯрӣ ташкил медиҳанд.

Роҷеъ ба дараҷаи баланди истеҳсолоти сафолӣ шаш хумдони аз ҳафриётҳои 2, 4, 6 ва 9-и Саразм ёфтшуда низ гувоҳӣ медиҳанд. Ин хумдонҳо ба навъҳои кушодаи мудаввар, дукамерагии яккабатаи дорои оташдони жарф ва дуқабата мутааллиқ мебошанд.

Хумдони дуқабатаи барои пазондани сафолот таъйиншуда, ки аз ҳафриёти 9-и маҷмааи маросимӣ ёфт шудааст, шаҳодати он аст, ки кулолгарони саразмӣ ин истеҳсолотро ҳанӯз панҷ ҳазор сол қабл аз худ намуда будаанд. Ин хумдони ба дараҷаи хуб маҳфузмонда аз ду камераи рӯиҳам ҷогирифтаи аловмонӣ ва пазониш иборат аст, ки бо хишти хом сохта шудаанд. Низоми шабакаҳои гармигузаронӣ ва дудмӯриҳо аз ҷиҳати андешакорона сохта шуданашон фарқ мекунанд. Дар худи ҳамин ҷо шикастапораҳои пиёла, табақ ва дигар зарфҳо ( бештар аз даҳ шакл ) ёфт шудаанд, ки мавриди пазониш қарор гирифтаанд. Сохти хумдоне, ки ҳанӯз дар оғози ҳазорсолаи III-и то милод саразмиён коркард ва истифода менамуданд, дар ҳудуди Осиёи Марказии ҳамон давра ҳамто надоштааст. Танҳо баъди ду ҳазор сол ба истифодаи ин гуна хумдонҳо дар воҳаҳои Қашқадарёву Самарқанд шуруъ карданд.

Хулоса, Саразми бостон яке аз нахустин ва марказҳои кулолгарии нафақат ниёгони мо, балки тамоми сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ будааст. Маҳз нуфузу мақом ва таъсири санъати кулолгарии Саразм буд, ки дар қарнҳои минбаъда кулолгарӣ дар Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Ҳулбук, Балх, Кошону Исфаҳон барин шаҳрҳои бузурги минтақаи Осиё низ тараққӣ намуд.

Дар умум айни ҳол метавон Паёми сарвари давлатро ҳамчун ягона воситаи амалишавиии ормонҳои наҷиби миллат баҳри созандагӣ ва шукуфоии ҷомеа махсусан ёдгориҳои таърихи Тоҷикистон номид.

**Адабиёт**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26.12. 2018 // www.president.tj.

2. Аванесова Н.А. Новые материалы эпохи бронзы Зарафшан- ской долины // Археологические исследования в Узбекистане — 2001 год. Ташкент: Фан, 2002. С. 19–26.

3. Аванесова Н.А. Зеравшанская культурная провинция бак- трийско-маргианскогй цивилизации // На пути открытия цивилизации: Сборник статей к 80-летию В.И. Сарианиди. СПб.: Алетейя, 2010. С. 334–364 (Тр. Маргианской археологической экспедиции. Т. 3).

4. Аванесова Н.А. Своеобразие культурно-исторических про- цессов Зеравшанского бассейна // Культуры степной Евразии и их взаи- модействие с древними цивилизациями. СПб: ИИМК РАН, «Перифе- рия», 2012. Кн. 2. С. 272–278.

5. Аванесова, Джуракулова 2008 — Аванесова Н. А., Джуракулова Д. М. Древней- шие номады Зеравшана // Культура номадов Центральной Азии. Самар- канд: МИЦАИ, 2008. С. 13–33.

6. Алёкшин 2010 — Алёкшин В. А. Датировка могильника Заманбаба (по материа- лам терракот Центральной Азии эпохи энеолита и бронзового века) //

7. Аскаров 1962 — Аскаров А. А. Низовья Зеравшана в эпоху бронзы: Автореф. дис. … канд. ист. наук. Л.: ЛОИА АН СССР, 1962. 19 с.

УДК 341.1/8

**Авғонов С.М., Каримова З.Ҳ.**

## РИСОЛАТИ ЗАН ДАР ҶОМЕА АЗ НИГОҲИ ИСЛОМ

*Масъалаи зан дар ҳама давру замон барои ҷомеа мубрамияти хоса доштааст ва имрӯз низ чунин аст, чунки зан-модар дар ҳаёти ҷамъиятӣ на танҳо ҳамчун такрористеҳсолкунандаи насли инсонӣ, балки мураббӣ, омӯзгор, сарриштакору роҳбар дар ҳама гуна сарчашмаҳои таърихӣ аз ҷумла китобҳои муқаддас махсус сабт шудааст. Аз ин рӯ муалифон кушиш намуданд, ки дар мақола масъалаҳои баҳсноки ин масоилро ҳаллу фасл намоянд.*

***Вожаҳои асосӣ**: ҳуқуқи зан, баробарҳуқуқии марду зан, шуури диннӣ, , руҳониён, иқтисодӣ, ахлоқӣ, ҳокимияти сиёсӣ, илму техника, ваҳдати миллӣ.*

**Авгонов С.М., Каримова З.Х.**

## МИССИЯ ЖЕНЩИН В ОБЩЕСТВЕ В СООТВЕТСТВИИ С ИСЛАМСКОЙ РЕЛИГИЕЙ

*Роль женщины в обществе всегда занимала центральное место и в настоящее время эта роль не только как женщина мать, но и продолжательница человеческого рода: воспитатель, преподаватель, управленец. Во всех священных книгах специально упоминается об этом.*

*В этой статье авторы попытались обосновать некоторые положения спорных моментов данной проблематики.*

***Ключевые слова**: права женщин, религиозное сознание, этика, политика, духовенство, общения, экономика, гендерная политика, политическая власть, национальная идея.*

**Avghonov S.M., Karimova Z.H.**

## THE MISSION OF THE WOMEN IN THE SOCIETY ACCORDING ISLAM RELIGION

*The women problem is a current urgent at any time and nowadays is the same, because women-mother in the social life not as re-producing of human life, but tutor, teacher, loving order in any historical sources , it is mentioned in the holy books. That's why in the article the author tried to make a controversial solutions.*

***Key word:*** *women right, equality of the men-women, religious mind, clerics, economic, morality, poitical ambition, science-knowledge, national union.*

Дар ҷаҳони муосир рушди илму техника ва технологияи муосир ба дараҷаи баланди тараққиёт расида бошад ҳам, вале паҳлуҳои ҳаёти маънавӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсонӣ, бахусус ҳуқуқи зан аз нигоҳи имрӯза қаноатманд нест, агарчи қисми зиёди аҳолии ҷаҳонро занҳо ташкил медиҳанд. Занон дар соҳаи азбарнамоии илму техника, касбу ҳунари замонавӣ ҳамқадам буда, саҳми онҳо на танҳо дар такрористеҳсолнамоии насли инсонӣ, тарбия ва ба камол расонидани фарзанд, инчунин дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ саҳми арзанда доранд.

Ин аст, ки дар ҳама давру замон афкори иҷтимоию сиёсӣ ва динию дунявӣ ба масъалаи нақши зан дар ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи худ ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд, "мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар тадбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем" [1].

Эътимоди ҷаноби олӣ ба ин қишри ҷомеа гувоҳ аз он аст, ки ҳисси масъулиятшиносӣ ва саҳмгузории онҳо дар пешрафту инкишофи ҷомеа аз мардҳо кам нест. Суханони ҷаноби Олӣ пеш аз ҳама ишора ба он гурӯҳ шахсонест, ки тангбину хурофотпарастанд ва ба созандагор будани занҳо боварӣ надоранд ва бо чашми таҳқир ба ин гурӯҳи ҷомеа назар менамоянд, равона гардидааст.

Масъалаи мавқеи зан ва рисолати вай дар ҳама давру замон ҳамеша барои ҷамъияти инсонӣ калидӣ будааст, чунки вай пеш аз ҳама тавлидкунандаи ҷони инсонӣ, тарбиятгари башар, ташаккулдиҳандаи мард ва миллат аст. Бесабаб нагуфтаанд, ки; Зани оқилаву порсо, кунад марди дарвешро подшоҳ. Яъне ташаккулдиҳандаи хислатҳои баду неки мардон занонанд.

Занон пайғамбарону шоҳон, лашкаркашону бузургони илму фарҳангро ба дунё меоранд. Кӣ шудани фарзанд ва дар маҷмӯ ҷомеаи мушаххас пеш аз ҳама ба сифати шири сафеди модар ба ҳолати руҳии вай дараҷаи инкишофи маънавиёташ ва чигунагии ҷавҳари модар вобаста аст.

Модарон аз он лиҳоз бузург бо меҳру шавқат, ғамхору дилсӯзанд, ки фарзандро аз рӯзи дар шакли ҷанинӣ баданаш то симои комили инсонӣ гирифтанаш дар ҷисму ҷони хеш ҷо додаю онро ба дунё меорад. Чун худ модар аст ба ҳама модари дунё ва ба ҳама ҷинси инсон модарона менигарад.

Чун ҳамеша саломатию осудаҳолии фарзандонашро мехоҳад, маҳз ҳатто дар мушкилтарин вазъияти зиндагӣ худ нахурда фарзандашро мехуронад. Ин рисолати бузурги модар аст, ки ҷомеаи инсонӣ ақли ғункунӣ, ҷамъоварӣ ва афзунгардонии моликиятро асос гузошт ва дар марҳилаҳои минбаъдаи инкишофи ҷомеаи инсонӣ онро ба ихтиёри мардон дод. Агар чуқуртар андеша намоӣ яқин мегардад, ки қувваи аввалини истеҳсолкунанда низ модаронанд.

Дуруст аст, ки дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷамъиятӣ дар замоне, ки меҳнати ҷамъиятӣ асосан қувваи ҷисмонии бештарреро талаб мекардагӣ шуд. Нақши мард дар офаридани неъматҳои моддии ҷамъиятӣ афзуд. Акнун мард ҳамчун таъминкунандаи эҳтиёҷоти рӯзгар худро дар зинаи баландтари иҷтимоӣ шинохт, аммо ин шинохт яктарафа буд, чунки дар тақсими меҳнат дар дохили оила ҳамоно нақши зан бештар буд, зеро нигоҳ доштани оташи хонадон, тавлид ва тарбияи фарзанд, пухту паз ва рубу чин, нигоҳбини чорвои хона ва ғ. ҳамоно дар зимаи зан

модар боқӣ мондаанд. Дар аксари халқҳо ба хусус дар баъзе халқҳои араб тавлиди духтарро намеписандиданд ва онро мекуштанд. Ҳамин эҳсоси тангназарӣ нисбат ба ҷинси зан то андозае на танҳо дар шуури қавми араб боқӣ монд, балки тавассути нодуруст шарҳу эзоҳи талаботҳои ахлоқи исломӣ ба миллатҳои дигар низ таъсири манфӣ расонд, ки ин то андозае боиси пастшавии эътибори зан дар ҷамъият гашта асараш то ҳол на танҳо дар олами исломӣ балки аксарияти халқҳои дунё боқист. Аммо занон қариб дар ҳама давлатҳо аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд. Дарёфти усул ва воситаҳое, ки тавассути истифодаи онҳо занон қудрат ва тавоноияшонро пурра амалӣ намоянд, зарур аст. Аз ин рӯ шояд ҳамин маҳдудиятҳо ҳамчун қонуни нонавишта боиси танг кардани ҳуқуқи занон ва ба корҳои роҳбарӣ пешбарӣ намуданашон барои роҳбарӣ гашта бошад. Зеро чунин ҳолат танҳо хоси олами ислом набуда, маҳдудияти ҳуқуқи занон дар дигар давлатҳо бештар аст.

Масъалаи мазкур махсусан дар дини мубини ислом мавриди шарҳи муфассал қарор гирифтааст. Нақши зан яке аз арзишмандтарин нақш дар ҷаҳони имрӯза ба ҳисоб рафта, аз назари ислом низ мақоми махсусро доро мебошад. Дар Қуръони маҷид эҳтиром ба модар дар радифи эҳтиром ба Худо ва шукургузорӣ ба ин сарчашмаи офариниш шукургузорӣ ба Худованд мебошад.

Аммо бо сабаби пастии фарҳанги динию дунявии баъзе ашхоси мансабдору муллоҳои хосакӣ мақеи зан дар ҷомеа ба хурофот табдил ёфта, ба дини поки ислом доғ ва ба амнияти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Ҳоло он ки дар сарчашмаҳои таълимотии дини ислом ба масъалаи баробарҳуқуқии марду зан ихтилоф нест. Барои тақвияти ба дастурҳои илмию ахлоқии ислом Қуръон ва сунна ва ҳалли баъзе масъалаҳо дар оилаву ҷомеа рӯ меоварем, то ки ба баъзе ихтилофҳо рушноӣ андохта аз фармудаҳои Расули акрам истифода бубарем.

Ҳамагон медонем, ки муҳимтарин ва бузургтарин рисолати зан инсонро ба дунё овардану тарбияи фарзанд ва нигоҳ доштани оилаи солим мебошад. Дини ислом ба қудрати офарандаи занон аҳамияти ҷиддӣ дода, фаъолияти рӯзмараи занонро дар ҳолате раво медонад, ки ба иҷрои нақш ва вазифаи аввалиндараҷааш, яъне оила ва тарбияи фарзанд монеъ нагардад. Ин нукта дар афкори иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккири бузурги олами ислом М.Ғазолӣ низ мавқеи хосаи худро пайдо намудааст. “...ободонии ҷаҳон ва насли одамӣ аз зан аст” [2].

Дар ҳақиқат ободии ҳар хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат аз тандурустии зан-модар сарчашма мегирад.

Аз ин хотир агар зан тамоми шароитро дошта бошаду ниёзи воқеӣ ба кори душвори ҷамъиятӣ надошта бошад, барои ӯ беҳтар аст, ки вақти худро дар тарбияи фарзандонаш гузаронад. Зеро тарбияи фарзанд яке аз фазилатҳои неки зан буда, дигар кас чун модар наметавонад фарзандонро бо муҳаббату самимият ба воя расонад. Ба қавли бузургон “Домони модар мактабест, ки агар дуруст омода шавад, як миллати асилро тарбия ва омода мекунад”.

Таҷрибаи ҳаёт ва таърихи башарият собит месозад, ки дар ҳар кишваре ки ба модарону бонувон арҷи бештар мегузоранд, аҳолии он осудаву пешрафта мебошад. Чун рисолати асосии ҳар зан ин модар шудан ва модар будани ӯст, ин мақом дар тамоми сачашмаҳои таълимотии миллату халқиятҳои гуногун қабул шудааст. Чун занон ба кору фаъолияти иҷтимоӣ машғул мешаванд, руҳу равонашон ба он банд гашта ба тарбияи дурусти фарзанд машғул буда наметавонанд. Аз ин лиҳоз дини ислом занонро аз меҳнати вазнини ҷисмонӣ озод намуда, дастур медиҳад, ки занон метавонанд дар соҳаҳое кору фаъолият намояд, ки боиси афзурдаҳолии онҳо нагардад. Зан метавонад ба корҳое чун муаллимӣ, духтурӣ, мурабигӣ, кору фаъолият дар нашрияҳо ва ғайра машғул шаванд, ки ба табиати онҳо мувофиқ аст.

Таҳқиқи масъалаи фаъолияти иҷтимоию сиёсии занон дар сарчашмаҳо ва осори олами исломӣ нишон медиҳад, ки ин мавзӯъ агарчи дар назар хеле содда

намояд ҳам вале бисёр муҳим ва рузмара мебошад. Бинобар ин барои тасдиқи ин фикр рӯ овардан ба Қуръон имкон медиҳад, ки баъзе муаммоҳо бартараф карда шаванд. Ҳол он ки қобилият ақлу фаросат ва ҳамчун шахсият занро аз мардҳо ислом паст нагузошта бартарияти мардро бар зан танҳо дар нақши хоси замони феодалии барвақтӣ медонад қоил аст. Аввалин ва муҳимтарин далеле, ки баъзе аз муҳаққиқон нисбати фаъолияти иҷтимоию сиёсии зан ба матни Қуръони карим такя менамоянд, ояти 34-уми сураи «Нисо» мебошад, ки Худованд дар он мефармояд:

Тарҷума: мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд, бар занон сарварӣ доранд. Пас, занони шоиста фармонбардору нигоҳдорандаанд молу мулк ва обрӯи шавҳарро (дар набудани он) ба нигоҳдошти Худо [3].

Ибораи аввали ин оят «мардон бар занон тасаллут доранд», дар тамоми давраҳо ҳамчун далели ҳокимияти мардон бар занон ва ҳамчун далели асосии имкон надоштани ҳокимияти сиёсии занон истифода мешавад. Вале имрӯз ба мо муяссар гардидаст, ки маънои воқеии баъзе аз калимаҳои ин оятро аз дигар сарчашмаҳо ҷустуҷу намоем. Масалан Абдулазиз ибни Барроҷ дар китобаш «Ал- муҳазиб» маънои ибораи «Ар-риҷолу қавомуна ала-н-нисои»-ро чунин тавсир намудааст: «Мардон вазифадоранд, то ҳуқуқҳоеро, ки занон ҳамчун ҳамсар бар гардани онҳо доранд, иҷро намоянд». Аз ин ояти Қуръон бар меояд, ки ислом асосан ҳимоякунандаи ҳуқуқи зан буда, ҳокимият ва сарпарастиро мардон танҳо дар оила ба душ доранд ва ин ба таври мутлақ ба ҷомеа марбут нест.

Гурӯҳи ашхоси мутаасибе ҳастанд, ки нуфузи занонро дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа нодида мегиранд. Аммо ҳастанд далелҳое дар Қуръон ки нуфузи занонро ҳатто дар зинаҳои роҳбарӣ мусбӣ арзёбӣ менамояд.

Муҳимтарини ишораи қуръонӣ дар ин масъала таърихи подшоҳии маликаи Сабо Билқис аст. Билқис занест, ки дар мулки Сабо ҳукумат дошта бо хираду заковати худ боиси оромиш ва наҷоти он ҷомеа гаштааст. Низоми давлатдории Билқис, ки аз адлу инсоф манша мегирад дар Қуръон васф гардидааст ва ин бори дигар аз шукуҳу шаҳомати занон дар пешрафту инкишофи ҷомеа гувоҳи медиҳад.

Қуръон аз тарзи ҳукумронии ӯ бо назари мусбат хабар дода, шакли давлатдории ӯро ки бештар бо мардум машварат дошт, таъкид менамояд [4].

Барои рушду нуму ва пешрафту инкишофи ҷомеаи башарӣ масъулияти баробар доштани мардону занонро низ дар Қуръон ишора шудааст.

Дар сураи «Тавба» ояти 71-и Қуръони карим таъкид менамояд, ки занони мусулмон баробари мардони мусулмон масъули ҷомеаи худ дониста шудаанд. Табиист, ки бидуни доштани ҳаққи интихоб намудан ва ҳаққи интихоб шудан, занон наметавонанд ин масъулиятеро, ки Худованд ба души онҳо вогузор намудааст, ба дурустӣ анҷом диҳанд.

Яке аз машҳуртарин мисолҳои ҳуқуқи амалии занони мусулмон дар барои иштирок дар шӯроҳо ва машваратҳо ва изҳори назар дар ҳузури роҳбари давлат намудан, ҳодисаест, ки дар замони хилофати Умар(р) рух додааст. Мувофиқи ҳадисе, ки Имом Аҳмад ибни Ҳанбал ривоят мекунад, рӯзе Умар(р) дар Масҷиди набавӣ дар масъалаи марҳияи занон чунин мегӯяд: «Эй мардум, дар маҳри занонатон зиёдравӣ накунед. Ҳар кӣ дар маҳри занон як уққия аз дувоздаҳ уққия зиёд мекунад, ҳамоно ман он маблағҳои зиёдатиро меситонам ва дар байтулмоли муслимин мениҳам». Вақте ки Умар (р) аз минбар мефароояд, яке аз занони дар сафи пеши масҷид нишаста, ба Ӯ бо садои эътироз мегӯяд: Эй амири мӯъминон шумо ҳақ надоред, ки марҳияи занонро маҳдуд созед, зеро ки Қуръони маҷид дар ин бора фармудааст: «Агар Шумо, эй мардҳо моли бисёр ба унвони махр ба ҳамсарони худ дода бошед (баъд аз талоқ) дигар ҳақ надоред, ки он маҳри худро аз ишон боз пас бигиред [5].

Чун Умар(р) ин оятро аз забони он зан шунид, ошкоро аз раъйи худ баргашту гуфт: Эй Худо аз хатоям даргузар! Мардум дар илми шариат аз ман олимтару

донотаранд. Ин зан рост мегӯяд, ман хато кардам. Ва илова намуд, ҳар мард ҳар қадар, ки мехоҳад ба занаш маҳр бидиҳад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки аз назари ислом зан метавонад намояндаи маҷлис бошад ва дар қабули қонунҳо ҳамчун ҳимоятгари манфиатҳои худ бевосита иштирок намояд. Зеро дар он вақт масҷидҳо ба сифати парлумони мардуми мусулмон хизмат мекарданд.

Ҳамин тавр дар асоси мисолҳо аз Қуръону Суннат, далелҳои мантиқии овардашуда, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки масъалаи иштироки занон дар корҳои давлатдорӣ аз назари Ислом мушкилие надорад. Барои ин зан салоҳияти илмию сиёсии ин корро дошта, одоб ва рафтори исломиро риоя намояд.

Масъалаи дигар ва бисёр муҳими кору фаъолияти рузмараи занон аз назари Ислом риояи одобу ахлоқи ҳамида ва талаботи шариати исломӣ мебошад. Риояи ин одобу талабот ҳам аз тарафи худи занон ва ҳам аз ҷониби онҳое, ки якҷоя бо занон дар як муҳит кору фаъолият мекунанд, ҳатмӣ ва зарурист. Худованди мутаъол дар Қуръони карим, сураи «Нур», ояти 31 доир ба рафтору кирдори занонро дар муҳити омехтаи корӣ ба танзим даровардан, чунин мефармояд;

**Тарҷума**: Занон чунон рафтор намоянд, ки ҳангоми роҳ рафтан ва сухан гуфтан ба ҳар гуна ҳаракатҳое, ки шавқу рағбати ҳамкоронро меорад роҳ надиҳанд.

Ба ин маънӣ зан дар ислом арзиши воло дорад, ба шарте, ки худаш ин манзалатро аз байн набарад. Манзалати зан дар гарави покдоманӣ, рӯҳи латиф ва садоқату самимияти уст. Ин гуна занон ҳам хонавода ва ҳам ҷомеаро ба сӯи фардои дурахшон мебаранд.

Чуноне, ки мутафаккири асримиёнагии форсу тоҷик Муҳаммад Ғазолӣ дар таълимоти сиёсию иҷтимоияш такя ба муқарароти Қуръон намуда, ободиву суботи ҷомеа ва осоишу оромии ҳар як оиларо ба зан вобаста медонанд ва чунин қайд менамояд. "... Зани порсо беҳтару муборактар. Ва чун порсое омад, аслу мол омад, зеро ки нопорсоро асл набувад [6].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ба масъалаи мустаҳакам намудани заминаи қонунгузорӣ доир ба баробарии одилонаи ҷинсҳо як қатор тадбирҳои судманд андешид. Махсусан:

Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 3.12.1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2005 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», барномаҳои давлатӣ «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқаманд барои солҳои 2007-2016» аз 1.11.2006, инчунин «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар ҶТ барои солҳои 2012-2020»[7] аз ҷумлаи онҳоянд.

**Адабиёт**


1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018
2. М.Ғазолӣ, Насиҳат-ул-мулук. Душ. Ирфон 2011 саҳ.174.
3. М.Ғазолӣ, Масоили занон байни суннатҳои куҳан ва ҷадид. Теҳрон "Эҳсон", 138ҳ.ш

3. Қуръон, сураи «Нисо» ояти 34-уми, сураи «Намл», оятҳои 28,31,44, сураи «Тавба» ояти 71, «Нур», ояти 31.

4. Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар ҶТ барои солҳои 2012-2020»

5. Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода, Ҷойгоҳи зан дар ислом Душ. 2011

6. Ҳусайни Меҳрпур. Ҳуқуқи зан аз манзари ҳуқуқи дохилӣ. Теҳрон “Иттилоот”, 1387 ҳ.ш.

УДК 316.6

**Бобоходжаева Г.Д.**

## ВЛИЯНИЕ ВЫНУЖДЕННОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ НА ДУХОВНЫЕ И СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПОВЕДЕНИЯ ТАДЖИКСКИХ МИГРАНТОВ

*Тема социально-психологического условия и состояния таджикских вынужденных мигрантов и его влияния в последнее время становится актуальной во всех областях жизнедеятельности, в том числе в экономической, политической, культурной, социальной сферах Республики Таджикистан, особенно остро оно ощущается и в образовании. В любом обществе, и особенно в трансформирующемся, результатом успешной миграционной политики является баланс интересов участников процесса трудовой миграции, т.е. отправляющих и принимающих государств, и конечно же, самих трудовых мигрантов. Для упорядочивания вынужденной трудовой миграции и правильное его регулирование необходимо предпринять некоторые социально-психологические и социально-культурные шаги, о котором данная статья пытается рассматривать.*

***Ключевые слова:*** *вынужденная трудовая миграция, социальная жизнь, экономика, образование, культура, политика, регулирование.*

**Бобохоҷаева Г.Д.**

## ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТИ ИҶБОРӢ БА РӮҲИЯВУ РАФТОРИ ИҶТИМОӢ-РАВОНИИ МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК

*Мавзӯи ҳолату шароити иҷтимоӣ-равонии муҳоҷират ва таъсироти он ба муҳоҷирони тоҷик вақтҳои охир дар тамоми соҳоти ҳаёти иҷтимоии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардад, ки мубрамияти махсусро касб кардааст, бахусус дар соҳаи маориф, иқтисод, иҷтимоъ, сиёсат ва фарҳанг. Дар ҳар як ҷамъият натиҷаи бисёр хуби сиёсати муҳоҷирати меҳнатии иҷборӣ ин ташкили мувозинати манфиатҳои иштирокдорони раванди муҳоҷирати меҳнатии иҷборӣ, яъне кишварҳои равонкунанда ва қабулкунандаи муҳоҷират мебошад. Барои ба танзими даровардани муҳоҷирати меҳнатии иҷборӣ ва дуруст ба роҳ мондани он як қатор равандҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангиро пеша кардан зарур аст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *муҳоҷирати меҳнатии иҷборӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисод, маориф, фарҳанг, сиёсат, танзим.*

**Bobokhojaeva G.D.**

## THE IMPACT OF FORCED LABOUR MIGRATION ON THE SPIRITUAL AND SOCIO-PSYCHOLOGICAL BEHAVIOUR OF TAJIK MIGRANTS

*The topic of socio-psychological conditions of Tajik forced migrants and its impact has recently become relevant in all areas of life, including the economic, political, cultural and social spheres of the Republic of Tajikistan, and it is particularly acute in education. In any society, and especially in the transforming one, the result of a successful migration policy is a balance of interests of the participants of the labor migration process, i.e. sending and receiving states, and of course, the labor migrants themselves. In order to regulate forced labour*

*migration and its proper regulation, it is necessary to take some socio-psychological and socio-cultural steps, which this article tries to consider.*

***Keywords:*** *forced labor migration, social life, economy, education, culture, politics, regulation.*

Тема социально-психологического условия и состояния мигрантов и его влияния в последнее время становится актуальной во всех областях жизнедеятельности, особенно в экономической, политической, культурной, социальной сферах Республики Таджикистан. Наиболее остро оно ощущается и в образовании, так как постоянная вынужденная поездка трудовых мигрантов лишает возможности правильного воспитания детей мигрантов школьного возраста. Дети мигранта постоянно ощущают отсутствие отца и нехватку его заботы и конечно же это влияет на его воспитание и образовании. В любом обществе результатом успешной миграционной политики является баланс интересов участников процесса трудовой миграции, т.е. отправляющих и принимающих государств, и конечно же, самих трудовых мигрантов [1, с.5].

Вынужденное оставление родного очага и родных оказывает очень тяжелые влияние как на психику и здоровье самого мигранта. Оно отрицательно влияет также и на психологические состояние всей членов семьи мигранта и общества в целом. Вынужденная трудовая миграция это не только механическое передвижение людей из одного места в другом. Немаловажно то что это также сложный социально-психологический процесс, имеющее огромное отрицательное влияние на многие стороны социально-психологические и политические жизни общества.

Особенно социально-психологические травмы в отличии от других серьезных заболеваний такие как простуда легких, заболевания опорно-двигательного аппарата, суставные и пр., намного превышают их в процентном соотношении. Многие вышеперечисленных болезни кроме психологических, можно вылечит с небольшим трудом (хотя многие из них остаются хроническим). Однако психологические болезни по причину того что мигранты вовсе не обращают на них особенного внимания или не остается больше денег на специалиста после решения многих других финансовых и социальных проблем, то с каждым годом эти психологические травмы накапливаются все больше и больше. В итоге превращается в серьезный психологический недуг, от которого страдает вся общество в целом. К сожалению, мигранты обращают к психологам крайне редко, либо тогда, когда уже будет слишком поздно. Такие серьезные заболевания как фобические реакции, невротические проявления у взрослых, энурез у детей, посттравматические стрессы, агрессивность, а также такое состояние мигрантов как этническая интолерантность и т.д., становятся массовым, увеличиваясь в процентном соотношении год за годом. Мигрант после переезда попадает в абсолютно новой среде, где процесс привыкания проходит мучительно долго, подвергается психологическим стрессам; незнание языка, обычаев и традиции добавлять наибольшие психологические затруднения и многие испытывают серьезные психологические проблемы, испытывают культурный шок, ощущают себя чужаками. Все эти психологические проблемы, как было упомянуто выше, год за годом накапливают все новые и новые недуги, когда человек становится уже биороботом, не чувствуя себя полноценным членом общества и семьи; вспоминают о психиатре только тогда, когда дело дойдет очень далеко, либо становится слишком поздно [2, с.7].

Вынужденная трудовая миграция обычно сопровождается тяжелыми для человека последствиями: ухудшается и физическое, и психическое здоровье человека, дают о себе знать хронические болезни. Многие мигранты испытывают посттравматический стресс, который проявляется в повышении агрессивности и ухудшении отношений с другими людьми.

Морально-психологическое и физическое здоровье таджикских мигрантов, находящихся в Российской Федерации, напрямую зависит от эффективного решения

многих проблем. Прежде всего, эти проблемы связаны с трудностями реализации основных прав человека. Из всего многообразия этих прав самой острой представляется ситуация с реализацией нормы, как право на охрану здоровья и медицинскую помощь [5, с.84].

Но у вынужденных трудовых мигрантов и переселенцев, как и у беженцев тяжелая ситуация складывается и с социально-экономическим положением, и с психическим состоянием.

Как ни прискорбно это звучит, но часто при работе с вынужденными мигрантами психолог назначается только тогда, когда возникает потребность в психиатре. Но в данном случае ситуация уже запущена, а истерзанную психику спасет уже не психологическая помощь, а медикаментозное лечение. Очень важно не доводить дело до психического срыва. Ведь чтобы без негативных последствий адаптироваться к новым условиям человеку нужно психическое здоровье и психологический настрой. Вынужденным трудовым мигрантам, крайне необходима психотерапевтическая помощь в преодолении кризисных жизненных ситуаций и профессиональные консультации специалистов-психологов. Современная психотерапия помогает мигранту справиться с депрессией, избавиться от негативных переживаний и мыслей, перейти от деструктивного, разрушительного поведения к конструктивному, созидательному. Специальные тренинги помогут человеку обрести уверенность в себе, преодолеть чувство тревожности, сформировать позитивный образ самого себя. Для того чтобы организовать работу по психотерапевтической помощи вынужденным трудовым мигрантам, необходимо иметь ясное представление об их психическом состоянии. С начала 90-х г. проводятся исследования по психодиагностике состояния вынужденных трудовых мигрантов [3, с.55]. Фундаментом в понимании психического состояния вынужденных трудовых мигрантов является кризис социальной идентичности – резкие трансформации представлений личности о себе и своем месте в системе жизненных отношений. Через кризис социальной идентичности прошло практически все наше общество. Но для вынужденных трудовых мигрантов этот процесс оказался особенно трудным. У некоторых категорий вынужденных трудовых мигрантов идентичность трансформируется настолько сильно, что перестает выполнять свои функции: интегрирующую - на уровне группы и адаптивную - на уровне личности. Например, психологические исследования беженцев из различных районов Таджикистана (особенно районы близлежащие к границам с Афганистаном) в годы межтаджикских конфликтов, выявили полное разрушение структуры их самосознания. Главные категории, такие как социальный статус, профессиональная принадлежность, семейные роли, половая, возрастная принадлежности, деформируются особенно сильно, а именно на них мы опираемся, ориентируясь в окружающем мире. Например, беженцы теряют такие статусные категории, как гражданство и национальная принадлежность. Это кардинальная трансформация структуры идентичности - осознание себя выброшенными за пределы главных жизненных отношений в обществе. Также попадание в новую этнокультурную среду зачастую вызывает у человека культурный шок [5, с.85]. Но человек продолжает соблюдать прежние нормы и ценности, которые были приняты в той среде, откуда человек был вынужден уехать, а это только осложняет общую ситуацию. Чем более жестко человек придерживается привычных для него культурных моделей поведения, социально одобряемых в прежней культуре, тем труднее ему приспособиться в новой среде. Причем существенную роль играют не только этнические, но и культурные различия. Иногда человек впадает в противоположную крайность. Тогда он начинает отрицать собственную культуру, у него ухудшается отношение к родной стране. Из-за этого нарушается ход процесса адаптации. Человек не должен терять своего лица, полностью отказываясь от привычных способов поведения, стиля жизни. Когда личность уже сформирована, такие перестройки вызывают тяжелые психологические последствия. Подобные трансформации

самосознания у беженцев и вынужденных трудовых мигрантов и переселенцев снижают уровень толерантности (терпимости) к другим группам, препятствуя адаптации в новых условиях. В таких ситуациях необходим достаточно длительный процесс культурной адаптации, в ходе которого консультации психологов и психотерапевтов могут оказать неоценимую практическую помощь. Оказание профессиональной помощи в решении этих и других психологических проблем является весомым аргументом при создании психологических консультаций, служб психологической поддержки вынужденных трудовых мигрантов. Эти службы, на мой взгляд, не должны быть самостоятельными структурами, а представлять собой часть комплексной работы общественных организаций, занимающихся практической деятельностью по оказанию помощи беженцам и вынужденным трудовым мигрантам и переселенцам. Помимо этого, психологические службы целесообразно совмещать со специальными юридическими консультациями. Психологическое консультирование должно также стать важным компонентом структуры специализированных реабилитационных центров. Подавляющее большинство судебных разбирательств, связанных с защитой интересов вынужденных трудовых мигрантов и переселенцев и оказанием им правовой помощи связано с условиями проживания мигрантов в стране, а именно с получением гражданства Российской Федерации и регистрацией по месту жительства или по месту пребывания, а также с легализацией их в качестве вынужденных переселенцев. [4, с. 65]. Этот пример не означает, что с трудоустройством, обеспечением жильем, социальными услугами дела обстоят вполне благополучно. Ситуация тут складывается в сочетании двух обстоятельств: во-первых, нарушения прав переселенцев в означенных сферах являются массовыми; во-вторых, юридическая борьба с этими нарушениями доказала свою результативность (особенно когда дело доходит до судебного разбирательства), поскольку речь идет о противоречии действий разного ранга должностных лиц положениям Конституции и других весьма четко сформулированных законодательных актов. И трудность тут состоит в том, что люди, вышедшие из социализма и находящиеся в трудном материальном и психологическом состоянии, просто не могут заставить себя обратиться в суд и довести дело до конца. Что касается трудностей переселенцев в получении жилья и работы, речь тут идет, во-первых, о так называемых ресурсоемких правах, соблюдение которых крайне трудно «пробить» через суд, ведь само по себе судебное решение не создает материального обеспечения прав. Во-вторых, из-за этого дефицита законодательные акты сформулированы так, что они практически никого ни к чему не обязывают. Таким образом, вынужденные трудовые мигранты, пытаясь решить ключевые проблемы обустройства на новом месте, в определенном смысле выпадают из правового пространства и попадают во власть некоего неформального механизма, основанного на связях, деньгах, взятках и прочем, на их умении «устраиваться» и «договариваться».

**Литература**


1. Олимова С. Миграционные процессы в современном Таджикистане. Суздаль, 2005. – 24 стр.
2. Хаитов Ф.К. Социокультурные особенности проявления миграционных процессов в Таджикистане. Душанбе, 2012. 150 стр.
3. Бобохонов Р.. Миграционные процессы в Таджикистане (XX в.) и Россия. Душанбе, 2001. – 154 стр.
4. Киселева Мария Владимировна. Внутренняя миграция в современной России и ее социально-психологические последствия в условиях кризиса. Ярославль, 2003. – 123 стр.
5. Тюрюканова Е.В. Мигранты на неформальном рынке труда в Москве // Миграция и внутренняя безопасность. Аспекты взаимодействия. – М.: Дом книги, 2006. – 68 стр.

УДК 556.368.1

**Зарипова Р.Ш.**
**Абдуллозода Н.А.**

**Ташаккули маданияти сиёсии чавонон тақозои замон**

Дар мақолаи мазкур муаллифон нисбат ба ташакаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди манфиатҳои ҳизбӣ, синфӣ, миллӣ, ки яке аз муҳимтарин масъалаҳои сиёсии муосир аст, таҳлилҳо оварда шудааст. Бахусус барои ҷавонони Тоҷикистон, ки аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд бояд ба ҳушёрии сиёсӣ баҳо дода тавонанд, ба даъват ва шиорҳои сиёсии гурӯҳу ҳизбҳои ғаразнок роҳ надиҳанд. Ин барои ҷавонони Ватани маҳбуби мо бениҳоят муҳим ба ҳисоб меравад.

**Вожаҳои калидӣ:** сиёсат, ҷавонон, маданият, моҷаро, миллат, ҷамъият, ҷаҳонишавӣ, муосир.

**Зарипова Р.Ш.**
**Абдуллозода Н.А.**

**Формирования политической культуры молодежи, требование времени**

В данной статье, формирование политической культуры молодежи, в период глобализации и столкновения политических интересов партий, классов, нации, как один из основных проблем современной молодежи. В частности, для молодежи Таджикистана, являющая большая часть населения республики, которую нужно воспитать политической культуре, чтобы отгородить их от экстремизма и терроризма.

**Ключевые слова**: политика, молодежи, культура, конфликт, нация, общества, глобализация, современный.

**Zaripova R.Sh.**
**Abdullozoda N.A.**

**Formation of the political culture of youth demand time**

In this article, authors brought the political and cultural development of the youth generation in the globalization condition and the benefits of the some parties, classes, and national is one of the important problems in the modern politics. Especially for the young generation in Tajikistan society that consist majority of the population must have political sobriety giving a good quality for the invitation and an important political slogan for the party’s bias.

**Key words:** politic, youth, culture, conflict, nation, society, globalization, modern.

Дар ҷаҳони пур аз моҷарою бархурди манфиатҳо бахусус мубориза барои тақсими таъсир дар сиёсати ҷаҳонӣ истифодаи воситаҳои гуногуни мустаҳкамсозӣ нуфузи давлатҳои хурду бузург аз як тараф ва дину мазҳабҳо аз ҷониби дигар тарбияи сиёсиро хеле муҳим мегардонад. Чи тавре, ки дар паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, президенти кишвар мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “дар паёмҳои қаблӣ ва дигар суханрониҳо ман андешаҳои худро доир ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳор карда будам. Шиддати ин хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мутаассифона, имрӯз ҳам паст нашудааст.

Авзои сиёсии сайёра ҳоло бисёр ноорому бесубот ва боиси ташвишу нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳон гардидааст. Чунон ки дар чандин суханрониҳои худ иброз намудам, кӯшишҳои аз нав тақсимкунии ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, қудратталабӣ, бархӯрди манфиатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҷиноятҳои киберӣ торафт шидат гирифта, ҷаҳонро ба марҳалаи нави ҷанги сард кашонидаанд ва имрӯз

баъзе сиёсатмадорону коршиносон ҳатто доир ба хатари ҷанги сеюми ҷаҳон ҳарф мезананд.

Ин вазъият самаранокии мубориза бо хатару таҳдидҳои замони муосирро, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва талошҳои муштараки ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро тақозо менамояд, коҳиш дода, баръакс, боиси пуштибонӣ ёфтани гурӯҳҳои террористиву ифротгарой аз ҷониби баъзе доираҳо ва истифодаи ин нерӯҳои даҳшатнок ба муқобили минтақаву давлатҳои алоҳида мегардад.” Имрӯз ин мубориза на дар сатҳи муборизаи синфу ҳизбҳо, балки қудратҳои фаромиллӣ ва давлатҳои қудратхоҳ муносибати байни давлатҳоро муайян менамояд.

Табиист, ки илмҳои ҷомеашиносӣ ба чунин тарз фаҳмидани сиёсат розӣ нестанд, зеро фаҳмиши либералӣ  бештар ба таркиби иҷтимоӣ ҷамъиятӣ аз рӯи табақаю тоифа, гурӯҳҳи манфиатҳо эътибор медиҳад.

Аммо яқин аст, ки ҳар кадом зуҳуроти ҷамъиятӣ,  аз ҷумла сиёсат бо пайдошавии синфҳо арзи вуҷуд карда маҳз муборизаи онҳо баҳри манфиатҳо боиси коркарди муносибатҳое гаштаанд , ки муборизаи онҳоро дар доираи меъёри муайяни мадание нигоҳ доранд.

Табиист, ки аз замони пайдошавии синфҳои ҷамъиятиву дигар табақаҳою тоифаҳои иҷтимоӣ ҷомеаи инсонӣ то рафт як қатор унсурҳои муносибату рафтореро дар ҷомеа башакли анъна даровард, ки онҳо то андозае синфҳоро маданӣ гардониданд.

Мардуми синну соли гуногун вобаста ба он мақом ва ҷойгоҳе, ки дар дохили гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ доштанд манфиаташонро дарк намуда, аз мушоҳидачигӣ ба қувваи мутаҳаррик табдил ёфта, бо аломатҳои гуногунаш ба қувваи муайяни сиёсӣ табдил ёфтанашон дарак диҳанд.

Аз он, ки ин амалҳо чӣ гуна сурат гирифта чӣ ҳадаферо роҳандозӣ кардан мехоҳанд самти давомияташон ба куҷост бо дигар гурӯҳҳои сиёсӣ, динӣ, идеологӣ, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ чи гуна муносибатро иншо мекунанд, аз як тараф дараҷаи иҷтимоишавии онҳо, пастӣ ё баландии сатҳи маданияти сиёсиашон муайян мегардад.

Бояд ба эътибор гирифт, ки фарҳанги сиёсӣ агар чӣ як унсури фарҳанги умумист, маҳз ҳамин фарҳанги сиёсии одамон онҳоро барои амал омода намуда вафаъолияташонро ба самте равона месозад.

Моҳияти проблемаи маданияти сиёсӣ ҳамчун шакли махсуси зуҳуроти ҷамъиятӣ, ки дорои аломатҳои хосаст, то андозае муайян кунандаи сифат ва арзиши ҳар як шах саст.

Маданияти сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти махсуси иҷтимоӣ худро тавассути системаҳои нави мафҳумҳо мекушояд.

Аломатҳои маданияти сиёсиро ба чор гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Аломатҳо ва хусусиятҳои умумии хоси сиёсат, маданият ва идеологӣ ҳамчун зуҳуроти рӯбинои муносибатҳои сиёсӣ. Дар ин ҷо махсусияти ба ҳам таъсиррасонии шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ ҳамчун унсурҳои рӯбино зоҳир мешаванд. Дар ин ҷо аломати умумӣ ба моликият алоқаманд будани хусусияти маданияти сиёсист.
2. Аломат ва хусусиятҳои хоси маданияти сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти махсуси ҷамъиятӣ муносибатҳои идеологӣ ҳамчун унсури муайяни рӯбино ва вазифаи мушаххаси иҷтимоӣ.
3. Хусусият ва аломати маданияти сиёсии хоси либералӣ дар муқобили идеологияи коммунистӣ.
4. Аломатҳои ба шаклҳои дигари маданияти сиёсӣ, ки хоси марҳилаи муайяни инкишофи идеологи таърихӣ ва ба ҳадафи мақсадҳои субъетҳои сиёсии ин

марҳила хос буда. Масалан, дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ субъекҳои асосии сиёсӣ, ташкилот ва ҷамъиятҳои минтақаҳо аз як тараф, ҳизбҳои сиёсии нав ташкил, ки асосан барномаҳои иҷтимоияшон такрори ҳамдигар буданд. Аз тарафи дигар гуногунии ҳайати иҷтимоии ин ҳизбу ҳаракатҳо ва надоштани таҷрибаи фаъолияти мустақилонаи сиёсӣ вазъияти ҷомеъаи Тоҷикистонро хеле нооором гардонида буданд.

Байни қувваҳои сиёсӣ, ки қариб ҳеҷ кадомашон ба ҳайси ифодакунандаи манфиатҳои умуми миллӣ набуданд ва дар пояҳои гуногуни идеологӣ сиёсӣ қарор доштанд аз ҳама сершумортараш ҷавон буданд, ягонаги вуҷуд надошт. Бесабаб ҷавононро аз ҳама қишри осебпазири ҷомеа намегӯянд. Чаро осебпазир? Ба он хотир, ки ҳануз таҷрибаи дурусти зиндагӣ надоранд. Захираи устувори бойгарии маънавие надорад, ки қобилияти таҳлилгарӣ ва хулосаи дуруст бардори дошта бошанд. Манфиатҷӯёни сиёсӣ бо алфозҳои "шердилкунанда" ҷавононро ба таҳрика даровarда ба ҳар тарафе мехостанд онҳоро ҳамон тараф сафарбар менамуданд.

Ҷавонони камтаҷриба дар паси даъватҳои бардуруғи дилгиркунандаи роҳбарони сиёсию ҳизбҳои сиёсиашон намефаҳмиданд, ки онҳо бозичаи сиёсии роҳбаронашон мебошанд. Барои ҳамин ҳам аксарияти дар ҷанги шаҳрвандӣ қурбоншудагон ҷавонон буданд. Бо роҳи дурусти фаъолият сафарбарнамоии ҷавонон имрӯз асоси сиёсати Пешвои миллатро ташкил менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар паёми солонаи худ ҷавононро қишри муҳими ҷомеа муаррифӣ карда ва иброз намуданд, ки "ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем.

Ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти нерӯҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд".

Иллати дигараш он буд, ки инҷавонон на танҳо фарҳанги сиёсӣ надоштанд,балки аз фарҳанги умумӣ низ бархурдор набуданд. Ба ҷуз роҳбаронашон аксари иштирокчиёни сиёсӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дарк намекарданд, ки оқибати талошҳояшон ҷомеаро ба чи ҳол рӯба рӯ месозад. Агар онро ба ҳисоб бигирем, ки ҳизбҳои сиёсӣ низ то андозае қавмӣ, хонаводагӣ ва минтақавӣ буданду идеалогиашон на хусусияти муттаҳидсозии миллӣ балки ҷудоандозӣ буд, худи ҳамин хеле паст будани маданияти сиёсии иштирокчиёни майдонбозиҳо ва хокимиятхоҳонро нишон медод.

Бесабаб нест, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ аксарияти кушташудагон дар ин ҷанг ҷавонон буданд. Дар таърихи миллатҳо чунин ҳолатҳо рух медиҳанд, аммо нисбат ба худ ва ҳаммиллатони худ ин қадар бераҳму бешавқат будан дар байни ҳеҷ як миллати дигар ба ҷуз қафомондагон мушоҳида нашудааст. Пастии фарҳанги сиёсӣ қувваҳои сиёсии дар ҷанги шаҳрвандӣ иштироккарда онро ба ҳисоб намегирифтанд, ки мисли мо тарафи дигар ҳам аз ҳамин сарзамин буда вай ҳам даъвои ҳокимият дорад. Чаро ӯ барои ман, ки ҳокимият мехоҳам душман бошаду ман барои вай не? Агар ба худ ҳамин гуна савол медодем ҳаргиз даст ба якдигаркушӣ намезадам.

Чуноне ки дар паёми солонаи худ Президенти кишвар мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки "мо даҳшатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки душманони миллати тоҷик ба сари мо таҳмил карда буданд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва бо итминон изҳор медорем, ки мардуми мо дигар ба доми фиреби душманону бадхоҳони миллат, ки то ҳанӯз аз ҳадафҳои ғаразноки худ даст накашидаанд, гирифтор намешаванд. Аз ин рӯ, мо ҳамеша ҷонибдори сулҳ дар саросари ҷаҳон ҳастем ва хоҳонем, ки тамоми мухолифату низоъҳо, дар кадом минтақа ё кишваре, ки бошанд, танҳо бо роҳҳои осоишта ва музокирот ҳаллу фасл карда шаванд". Шукри Пешвои миллат, ки ҳаминро пеш аз ҳама дарк карданду қудратмандию тавоноиро дар ҷанги бародаркуш нишон додан, нахоста талош бар ҳали маслиҳатомези сиёсӣ карда ҳамдигарфаҳми ба ҳама қишрҳои ҷомеаро ягона роҳи ҳалли мушкилоти сиёсию идеологӣ диданд. Пешвои миллат онро азҳама роҳбарони сиёсию ҳизбҳои сиёси хуб дарк намудаанд, ки фарҳанги сиёсии ҳама гуна зӯргариҳоро рад намуда гуфтушунид намуда ҳамдигарфаҳмию ба ҳамдигар гузашткунӣ ба хотири рафъи зиддиятҳо нишонаи олӣ доштани фарҳани сиёсист. Барои ин такмили ҷаҳони маънавии ҷомеа ба хусус ҷавонон шарти асосии ташакули шуури сиёсӣ ва худшиносии миллӣ аст.

Чун дарки манфиатҳои миллӣ ва дурнамои манфиатҳо талаботҳои сиёсии миллӣ нишон диҳандаи шуури сиёсианд. Дар шароити номукаммали инкишоф ин мафкураи умумимиллӣ ҷомеа наметавонад муътадил фаъолият намояд. Гап дар сари он аст, ки гуногунии манфиатҳое, ки на дар заминаи шинохти манфиати миллӣ, балки дар заминаи манфиатҳои гурӯҳи хурди сиёсӣ, иҷтимой, қавмӣ, маҳаллӣ ташаккул меёбанд, табиатан миллатро суст менамоянд.

Барои ҳамин дар муайян намудани манфиатҳои қишрҳои гуногуни иҷтимоии ҷамъият ҷавонон бениҳоят душвори мекашанд. Ҳамин аст, ки ҷавонон бештар дар зери таъсири идеологию сиёсии носолим афтода, қувваю ғайрати созандагиашон на ҳамеша ба мақоми доштанашон дар ҷомеа мусоидат менамояд.

Чун идеологияи солими созанда дар заминаи талаботҳои муносибати илмӣ ташаккул меёбанд, илм бошад дар атрофи масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ муколама менамояд, барои аз ҷониби ҷавонон қабул ва онҳоро дар амалияи сиёси тадбиқнамой зурашон намерасад. Ин бошад ба сатҳи пасти дониши ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Вақте ки, Пешвои Миллат дар бораи ҷавонон сухан ронда онҳоро созандагони ояндаи ҷамъият арзёбӣ менамоянд, пеш аз ҳама ҳамон ҷавононеро дар назар дорад, ки бо рафтору кирдори хеш на аз рӯи эҳсоси фардӣ , на аз рӯи ғурури ҷавонӣ, балки бо талошҳои созандае, мазмун ва сифати созандагӣ,эҷодкорӣ дошта ба дониши баланду ахлоқи волою ибратангез ба навҷуию навоварӣ ба ҳаёт менигаранд.

Бо дониши амиқӣ илмӣ қобилияти таҷлилгарӣ, муқоисаномаю хулосабарорӣ аз пешгузаштагони хеш болотару босалоҳияттаранд. Ҳангоме мегӯянд, ки ҷавонон ба ҳаракатҳои ҳизбии ифротгаро ҳамроҳ шудаанд, ин нишона аз он аст, ки маданияти сиёсии онҳо паст аст.

Як хусусияти хоси ҷавонони ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ пайвастшаванда баҳодода натавонистан ба натиҷаи рафторашон аст. Агар инро медонистанд ба ҷони хеш ҷабр намекарданд, падару модарро ғусаманд ва миллатро беобрӯ намекарданд. Маълум аст, ки рисолати динӣ тарбияи маънавии инсонҳост, доштани адлу инсоф, тозагии ахлоқи ҳамида, забону дилу дасти тоза ҳурмату эҳтироми инсон ҳамчун вуҷуди олии офаридаи илоҳи будан ва ба қадру қиммати он расидан аст, на куштори ҳамигар. Вале имрӯз на ҳамаи онҳое, ки дар зери ниқоби динӣ ва арзишҳои динӣ баромад менамоянд ободсозандаанд. Чуноне ки, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми солонаи худ иброз доштаанд, ки "ҷангу низоъ ва мухолифати мусаллаҳона даҳшатаст, қатлу куштори одамони бегуноҳ аст,

қашшоқиву бенавоӣ, бадбахтӣ, касодии иқтисодӣ ва шикасти низоми қонунияту давлатдорист.

Вазъи ноустvори ҷаҳони муосир дар шароити шиддат ёфтани рақобатҳои геосиёсиву геоиқтисодӣ ва афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ аҳамияти таҳкиму густариши муносибатҳои байналмилалиро дучанд менамояд.”

Чун ба воқеияти имрӯзаи муносибати байни гурӯҳои гуногуни иҷтимоии ҷамъиятӣ нек назар менамоед, як чиз аён мегардад, ки ҷомеаи тоҷик аз анъанаҳоикӯҳан ба он хотир даст кашида наметавонад, ки илми дунявӣ дар байни мардум ҳанузҷимат пайдо накардааст. Ҳатто дар он ҷо, ки аҳли илму фарҳанг нишастаанд, “домуллое”ворид он нишаст шаванд, ҳама аз ҷо хеста ба вай роҳ медиҳан, ки ин аз рӯи одоби дунявияти онҳост. Аммо дар он ҷое, ки мулло нишаста аст, бузургтарин донишманд дарояд, “мулло” аз ҷояш намеҷунбад. Соҳибхона муллоро хушомад мегӯяд, самимияту садоқаташро ба илми доштаи мулло изҳор менамояд, вале чунин рафторро дар ҳақи донишманди дунявӣ зоҳир наменамоянд. Дорандатарин фард, мансабдор ҳамин гуна эҳтиромро нисбат ба мулло, эшон изҳор менамояд, ба онҳо ҳадяҳо медиҳад, аммо инро дар ҳақи олими беҳтарини дунявӣ зоҳир наменамояд. Аз ин рӯ сохтани мактабҳо, қабули садҳо низомҳои нави таълимӣ муносибати мардумро нисбат ба илмҳои дунявӣ, олимони дунявӣ тағйир намедиҳад. Аниқтараш бо ҳамон иллати эътиқоде, ки аҷдодонамон онро иҷборан қабул намуданд дар ҷавҳари мо ҷой гирифтааст ва он ҳоло низ усутвортар гаштааст, ҷавонон ба он сахтар пайваст гаштаанд.

Сатҳи пасти худшиосии миллӣ ва фарҳанги сиёсии ҷавонон дар дараҷаест, ки онҳо танҳо дар ғами он дунёяшон ҳастанд, на дар ғами ободии ин дунёяшон. Аз ин рӯ, тарбияи солими сиёсии ҷавонон вазифаи ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон аст. Чун омӯзгорон тарбияткунандагони фарзандони хешро мисли як “мулло”, ки чанде аз оятҳои Қуръони Маҷидро медонанд, ақалан ба он баробар намекунанд, мактаб нақшаш, эътиборашро аз даст медиҳад. Ғайр аз ин то даме, ки музди меҳнати гирифтаи омӯзгор, олим, аҳли фарҳанг дар дараҷае нест, ки рӯзгордории онҳоро таъмин намояд, илму маориф ва фарҳанг қиммат пайдо накарда, ҷавонондар симои устодони хеш намунаи ибратро намебинанд. Баланд бардоштани эътибори илм, маориф, фарҳанг ҳамон вақт имконпарзир мегардад, ки ақалан кормандони ин соҳаҳо зиндагии хубтар дошта бошанд. Вақте ки, онҳо шароити хуби зиндагӣ доранд барои тарбияи ҷавонон вақти худро дареғ намедоранд. Ҳамеша кӯшиш ба он медиҳанд, ки насли ҷавон дар пайи ободи ва созандагӣ бошанд. Онҳоро дар ҳамин роҳ низ дастгири менамоянд. Дар баробари ин ҷавонон низ масъулияти худро ҳис намуда, оид ба доштани фарҳанги баланди иҷтимоию сиёсии хеш бетараф намемонад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РаҳмонбаМаҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон, 22.12.2017-26.12.2018
2. Ахиезер А. 2002. Специфика российской политической культуры и предмета политологии (историко-культурное исследование). — ProetContra, т. 7, № 3.
3. Политическая культура в жизни общества- -А.П. Мельников С.Ф. Сокол, Минск, 2011
4. Гельман В. 2000. Политическая культура, массовое участие и электоральное поведение. — Политическая социология и современная российская политика.
5. Rotberg R. 1999. Social Capital and Political Culture in Africa, America, Australasia, and Europe. — Journal of Interdisciplinary History, vol. 29, №3.

УДК 940.2 (420)

**Насриддиниён Б.Ҳ.**

## МАВЛОНО ҶОМӢ ВА ОСОРИ Ӯ ДАР ҲИФЗИ АСОЛАТ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*Муаллиф дар ин мақола бо мисолҳои раднашаванда бартаран аз осори гаронарзиши Абдураҳмони Ҷомӣ такя бар назар ва хулосаҳои илмии мутафаккирони сатҳи ватанӣ ва ҷаҳонӣ нақши ӯро дар ташаккули ҳуввияти миллӣ ва бедории фикрии соҳибзабонон тавассути омӯхтану донистан, ҳифзи асолат ва арҷгузорӣ ба ватану забони ниёгони хеш ба исбот расонидааст.*

***Калидвожа:*** *асолат, ҳифзи забон, осори ниёгон, устувории забон, ҳуввият, кашиш, қонун, шаҳодат, ватандорӣ, ҷаззобият, тамъи сухан,ҳамасрон.*

**Насриддиниён Б.Х.**

## МАВЛОНО ДЖАМИ И ЕГО ТВОРЧЕСТВО В СОХРАННОСТИ И РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

*В статье автор приводит неоспоримые убедительные примеры из бесценного творчества Абдурахмона Джами с научными заключениями мыслителей местного и мирового масштаба. Автор привел неоспоримые доказательства о роли Абдурахмона Джами в развитии национальной гордости и пробуждения мышления носителей этого языка по средствам изучения, постижения, сохранения справедливости и дани уважения отечеству, а также языку предков.*

***Ключевые слова:*** *самосознание, самопознание, закономерности развития, положение, сохранение общекультурных функций, гордость, культура, нация, традиции, патриотизм, поколение, персидско-таджикский язык.*

**Nasriddiniyon B.H.**

## MAVLONO JOMI AND ITS PROMINANT ART FEATURE AND DEVELOPMENT OF THE TAJIK LANGUAGE.

*The given article is considering the valuable exact samples from the incredible art of Abdurakhmoni Jomi along with scientific conclusions of wise men of the local and world scale. The author brought incredible facts regarding the role of Jaloliddin Balkhi in development of national pride and raising mentality of the owner of the given language, the methods of learning, achievement, the maintenance of judgment and majors of respect towards the native land, as well the ancient owners of the language.*

***Keywords:*** *self-comprehension, legislation, development, status, the storage of cultural function, proud, culture, nation, tradition, patriotism, generation Persian-tajik language.*

Пеши сухандон сухан аст он ҳама,
Ҷони сухандон сухан аст он ҳама,
Кашфи хақоиқ ба забони вай аст,
Ҳалли дақоиқ ба баёни вай аст.[3,253]

«Ба ақидаи Ҷомӣ, менависад А. Афсаҳзод,- сухан волотарин гавҳари садафи чархи куҳан аст ва одамӣ низ махз аз сухан одамӣ шудааст» [2,153]

Забони нисбатан содаву равони эҷодиёти Мавлоно Ҷомӣ аз вижагиҳои чашмрасест, ки бузургии ӯро то рӯзгори мо нигоҳ дошта омадаасту дархури таваҷҷуҳ

аст. Забони осори бадеию илмии шоир, амсоли дигар саромадони адабиёти пурбори классикии форсу тоҷик [Рӯдакӣ, Фирдавсӣ , Носир, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз…) новобаста ба гузашти замон ба забони имрӯзаи мо хеле наздик аст. "Забони адабиёти классикии мо,-менависад академик А.Мирзоев,- он забонест, ки халқи мо дар таърихи худ вайро сохта бо он адабиёти худро ба вуҷуд овардааст ва ҳоло ҳам бо он сухан мекунанд". [12,17]

Боиси ёдоварист, равнақу инкишофи забони адабиёти пешазинқилобӣ дар пайвастагӣ ба шароити мухталифи таърихӣ, тамоюлу талошҳои ба худ вижаи ҷарёнҳои адабӣ, вижагии фарҳангу муносибатҳои иҷтимоии давраи феодалӣ манзараи гуногун дошт. Чунончи, забон дар оғози пешрафти худ [асрҳои IX-X милодӣ) бар пояи ғановатмандии забони зиндаи мардум инкишоф ёфт. Суханварони чиразабони ин давр мактаби ибратомӯзи соданависиро ба армағон гузоштаанд.

Дар замоне, ки Мавлоно Ҷомӣ рӯзгор дошт [асри XV - милодӣ) тарзи баён ва услуби нигориши душворфаҳм ба сурати фарогир майдондорӣ мекард. Новобаста аз ҷойгоҳи иҷтимоии адибону фарҳехтагон,"ҳамаи шохаҳои услубии адабиро фаро гирифт ва дар ҳамаи соҳаҳои кори хаттӣ ҳукмрон гардид"[11,68), махсусан асарҳои таърихӣ сар аз садаи XV ба минбаъд дар суханпардозию суханбозӣ гӯйи сабқат аз хам мерабуданд..

Агарчи Мавлоно Ҷомӣ аз услуби ройиҷи анъанавии душворнависӣ пешгирӣ карда натавониста бошад ҳам, ӯ барои ба мардум наздик кардани забони адабии худ саъю талоши зиёде кардааст. Ҷомӣ чун пешгоми барҷастаи соданависӣ хубтарин суннатҳои пешиниёнро дар ҳамаи риштаҳо аз ҷумла, дар ростои забони адабӣ идома додааст.Хизмати шоёни тақдири Мавлоно Ҷомиро дар соҳаи забон метавон ба ду роҳи пешгирифтаи ӯ пайванд дод.

1.Ҷомӣ дар осори худ роҷеъ ба забон ва моҳияти иҷтимоии он, суханшиносию суханронӣ, бархурди аҳли қалам ба забон андешаҳои судманд иброз дошта, бо ин восита нуқтаи назари хешро баёну тарғиб мекард.

Ба андешаи Мавлоно танҳо ба воситаи забон, ки василаи муҳими баёни фикр аст, дарку маънидод кардани қонунҳои муҳити атроф ва иҷтимоъ муяссар мегардад. вале ин ба шарте имконпазир аст, ки сухан ба ҳамафаҳмии худ дастраси хонанда бошад.

Чунончи:
Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Ба тахсис, вақте ки мавзун бувад. [5,256]

Мавлоно дар ҷойи дигар ҷойгоҳи адиб ва тавонии забони ӯро чунин ба қалам медиҳад:

Забон дар даҳон тарҷумони дил аст,
Сухан бар аз забон аз забони дил аст.
Калам ҳарчи бар лавҳи ҳастӣ навишт,
Яке нуқта аз достони дил аст. [11,245]

Шоир хизмати адибону суханварони гузаштаро бо эҳтирому самимияти хоссе дар осораш [Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Хоқонӣ, Хофиз, Саъдӣ, Камоли Хучандӣ, Унсурӣ ва ғайра) қайд мекунад.

Ҷомӣ бовар дошт, ҷовидон мондани номи неки шоирони мазкур ва дар байни мардум пойдор гаштани ҳалоллоқияти ҳунарии онҳо ба забони осори онҳо низ пайванди ногуастанӣ дорад. Воқеан асаре, ки муҳтавои воло ва бо забону услуби ҳамафаҳм баён шуда бошад, писанди мардум мегардад ва ному маҳбубияти адибро ҷовидон нигоҳ медорад. Дар акси ҳол эҷодиёти шоир ва номи ӯ аз "буруташ боло намеравад":

Гар бувад лафзу маъниаш бо ҳам:
Ин дақиқу латиф, он маҳкам.
Сити ӯ роҳи осмон гирад,
Номи шоир ҳама ҷаҳон гирад.
В-ар бувад аз табиати торик
Маънии ӯ касифу лафз рақиқ,
Наравад аз бурути ӯ боло. [14,301]

Саҳми Мавлоно дар ростои рушду густариши илми забоншиносии асри XV низ чашмрас аст. Асарҳои илмии ӯ ба забони форсӣ [тоҷикӣ) ва арабӣ дар мадорис ба сифати китобҳои дарсӣ омӯхта мешуданд. қобили ёдоварист, ки асарҳои илмии шоир дар таърихи забоншиносии пешазинқилобӣ ҷойи намоёнеро ба худ ихтисос медоданд.

Шоир чун донишманди гуногунсоҳа на танҳо забони адабиро фаро гирифта буд, балки ба пажуҳиши он низ иштиғол дошт. Рисолаи ӯ таҳти унвони "Фавоиди Зиёия фи шарҳ ил кофия" бо номи "Шарҳи Мулло","Шарҳи Ҷомӣ" низ машҳур аст. Онро Ҷомӣ барои писараш-Зиёуддин Юсуф дар шарҳи «Ал-қофия фи-н- наҳв»-и Ибн –ал-Хоҷиб [ваф.645/1248) ба забони арабӣ таълиф кардааст. Ин рисола ба таҳлилу баррасии вижагиҳои сарфию наҳвии забони арабӣ ихтисос дода шуда ва то ҳол арзиши илмии худро нигоҳ доштааст.

Асари дигари Ҷомӣ ин «Рисолаи таҷниси хат» фарҳанг [луғат)-и манзуми вожаҳои точикӣ-арабӣ аст. Фаъолияти илмию адабии Ҷомӣ ба таври омехта падид меояд. Яъне, ӯ муттако ба халлоқияти ҳунарии худ даст ба пажуҳиш задааст. Ин тарзи пажуҳишро вай дар ”Рисолаи шарҳи рубоиёт” ва "Муншаот" ҳам анҷом додааст. Дар рисолаи нахустин Ҷомӣ рубоиёти худро аз лиҳози забону услуб ва бадеият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар "Муншаот" мавсуф баъзе паҳлуҳои асари дигари хеш "Нафаҳот- ул-унс ва ҳазарот- ал- қудс"-ро, ки аз лиҳози забону услуб душворфаҳманд, шарҳу эзоҳ медиҳанд.

2. Мавлоно чун шоири шаҳиру тавоно ва донишманди бузург, бойигарии забони форсӣ- тоҷикиро моҳирона мавриди корбурд қарор додааст. Мавсуф ба бисёрмаъногии вожаҳову ибораҳои калидӣ таваҷҷуҳи махсус карда, саъю талош кардааст, то маънои аслӣ ва тобишхои маъноии иловагии вожаҳову иборот дар матн собит шаванд.Чунончи, вожаи "рост" дар чаҳор мисраъ паи ҳам такрор шуда, дар робита бо вожаҳои дигар маъноҳои зеринро ба дӯш доранд: обрӯнокӣ, шухрат, қавл, ҳақиқат, ҳақҷӯй, андеша ва таҳаммул, дуруст бекамбудӣ:

Аз каҷӣ хезад ҳар ҷо халалест,
«Ростӣ- растӣ» неку масалест.
Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин! [7,48 - 49]

Аз мисраъҳои мазкур қариҳаи шоирӣ ва забондонию бориандешии Ҷомӣ равшан аст. Ин вижагӣ дар халлоқияти ҳунарии Мавлоно рӯйдоди тасодуфӣ нест. Боз ду далели дигар ба бозкушоии вожаҳои "унсур" ва"дида"- ро ироя медиҳем:

Унсури он ки дошт унсури пок,
Кам ҷӯ ӯйе фитад зи унсури хок.
Гавҳари силки чор унсур буд,
Гӯши гетӣ зи назми ӯ пур буд. [3,156]
Ва:
Худписандони нописандида

Мӯи афзуниянд дар дида.
Дида аз дидашон нигаҳ медор,
В-арна бинӣ зи дидашон озор. [3,63 – 64]

Шоири шаҳир андешаи худро дар бобати забон, ба василаи эҷодиёти худ дар амал татбиқ мекунад. Ӯ ба манзури дар миёни ақшори мухталиф тарғиб намудани аҳдофи хеш ва инчунин дар саҳифаи рӯзгор мондагор мондани ҳаллокияти ҳунариаш, роҳи соданависиро бар пояи боигарии забони ҳамафаҳми адабӣ ва забони умумихалқӣ равнақу ривоҷ дода,ба ҳайси утоди каломи бадеӣ шинохта шуд."Ҷомӣ аз ҷиҳати забон яке аз барҷастатарин классикони адабиёт ва ба омма дастрас мебошад". 9,172)

Хизматҳои шоёни тақдири шоирро бо далелҳои мухтасари забонӣ нишон медиҳем. Мисолҳо асосан бо таваҷҷуҳ ба ду меъёр баргузида шудаанд: Вожа ва ибророте, ки дар рӯзгори Мавлоно Ҷомӣ [дурусттараш,дар забони давраи классикӣ)ва дар забони ҳозираи умумихалқию гӯишҳои [ шеваҳои) он мавриди корбурд қарор медиханд, аммо дар забони адабии ҳозира камистеъмоланд, ё тамоман истифода намешаванд. Ин зайл пешниҳоди бойгарии забонро аз он ҷиҳат лозим мешуморем, ки ҳатто бархе аз тарҷумонҳо ва адабиётшиносони тоҷик ҳам нисбати онҳо истилоҳи "сухани кӯчагӣ"-ро кор фармудаанд" [1,44].

Забони пешазинқилоб чун баҳри бекарону бузург аст, бояд аз он насли ҳозира барои донишафзоии минбаъдаи забони миллии худ бардавом истифода баранд. "Раванди аз ҳисоби забони пешазинқилобии адабӣ инкишофёбии забони миллии тоҷик[ӣ] ҳанӯз давом дорад" [13.106].

Бояд хотирнишон сохт, ки ҳангоми мавриди баҳрабардорӣ қарор додани забони осори шоирони классикӣ, аз ҷумла забони осори Мавлоно Ҷомӣ, эҳтиёткорона рафтор кардан лозим аст, зеро як гурӯҳи унсурҳои забони хоси давраи гузашта, аз ягон ҷиҳат ҷавобгӯйи тақозои замони ҳол нестанд. Аз он ҷумла, забони осори Мавлоно Ҷомӣ хам, новобаста аз содагию равонии худ аз таъбирҳои душворфаҳм ва ҳатто ҷумлаҳои арабӣ холӣ нест. Бархе аз вожаҳои арабӣ ва бостонии форсӣ-точикӣ, ки дар рӯзгори Мавлоно Ҷомӣ мустаъмал буданд, акнун [бархе эҳё шуда мавриди корбурди аҳли зиё қарор гирифта истодаанд-таъкид аз мо Н.Б.) гурӯҳе ба зумраи вожаҳои куҳна [архаистӣ) шомиланд. Чунончи: фах-дом, қапқон; козур-либосшӯй; матбах - ҷойи таомпазӣ, ошхона; меғ-абр ва ғайра.

Дид козур шикорие бе фах,
Гуфт: Баҳ, баҳ, ки нек шуд матбах". [3,39]

Ӯст буррон дар сафи ҳайҷо чу теғ.
Тирборон бар сари аъдо чу меғ. [3,184]

Корбуди баъзе аз вожаҳо дар шароити имрӯзаи мо танҳо бо тағйироти ками овозӣ
[фонетикӣ] тафовут доранд.Чунончи, дастурхон дар шакли хон, чупон - шубон:

Аз карам нест мудхилӣ кардан,
Хон ниҳодан, тамом худ хӯрдан. [3,38]

Чун шубон согзори гург бувад,
Рамаро офате бузург бувад. [3.12]

Баъзе аз вожаҳои давраи классикӣ аз лиҳози шакли худ то замони мо расида бошад ҳам, аз ҷиҳати маънои худ мувоҷеҳи тағйирот шудаанд. Бархе аз миёни онҳо феълан ба маънои дигар истифода мешаванд. Вожаи тапонча ба маънои аслӣ-

шаппотӣ, шапалоқ мавриди истеъмол аст:

Фиғон кашидам аз андуҳи он зи сина чу чанг,
Тапонча кӯфтам аз дарди он ба рӯй чу даф. [6,221]

Маънои вожаи шева-"тарзу рафтор","одат" буд:
Хаме кун ба пирони бекас касӣ.
К-з ин шева донам, ба пирӣ расӣ. [5,250]

Вожаи оҳанг ба маънои "қасд, ният, майлу ихтиёр" мавриди корбурд қарор мегирифт:
Кард сӯи кабутаре оҳанг,
Нойи ӯро гирифт сахт ба чанг. [3,38]

Вожаи «кадхудо» ба маънои соҳиби хона ва ҷой, сардори оила ба кор бурда мешавад:

Кадхудои хона аз дарун овоз дод. Дар Бадахшон ин вожа ба маънои зандор, оиладор истеъмол мешавад. Чунончи: кадхудо шудан - зан гирифтан, зандор шудан.

Дар асри XV вожаҳои зиёде аз забони арабӣ мавриди корбурд қарор мегирифтанд, аммо Мавлоно Ҷомӣ бештар бо таваҷҷуҳ ба ғановатмандии забони форсӣ - тоҷикӣ, аз истеъмоли вожаҳои тозӣ ҳадди имкон худдорӣ мекард. Ба гунаи мисол: кофӣ, кифоя-басанда; ғалат- норост; суҳбат-гуфтугӯ; баъзе-гоҳ[гаҳ); атроф-гирдогирдро ба кор мебурд:
Дар табъи ту гар қабули панд аст,
Ин панд, ки гуфта шуд, басанд аст. [5,241]

Ин ҳама андешаи норост чист?
Ин ҳама оини каму кост чист? [3,282]

Гоҳе аз шайхи хеш ронд сухан,
Гаҳе аз шайхи шайхи пири куҳан. [3,53]

Ин маориф ба охир анҷомад,
Шайх аз гуфтугӯ биёромад. [3,16]

Аз оғози асри XV вожаҳои туркӣ - узбекӣ вориди забони тоҷикӣ шуданд, аммо

Мавлоно Ҷомӣ аз корбурди ин қабил вожаҳо ҳатталимкон сарфи назар мекард.Чунончи: ба ҷойи қишлоқ-деҳа; қурбоқа-ғук; чуқур-мағок ва ғайраро истеъмол мекард:
Шаҳру деҳ обод ба адл асту бас,
Табъи ҷаҳон шод ба адл асту бас. [3,268]

Кунун медиҳад даври ҷаҳам ба ёд,
Ба зарбулмасал қиссаи ғуку ход. [5,259]

Ҳар куҷо поят хӯрад ғутта ба хок,
Кун ба нохунҳои даст онро мағок. [3.181]

Забони адабии тоҷик як бахши коркардашудаи забони умумихалқӣ аст. Ин забон

туфайли устодони сухан, пайваста суфтаву ғанӣ мешавад. Хизмати Мавлоно

дар ростои корбурди ғановатмандии забони умумихалқӣ дар осори бадеиаш чашмрас мебошад.Мавсуф вожаҳоеро, ки дар осори шоирони пешин ва забони умумихалқии замонаш истифода мешуданд ва ҳанӯз ҳуқуқи комили ба забони адабӣ ворид шуданро пайдо накарда буданд, такрор ба такрор мавриди корбурд қарор медод. Чунончи, вожаи нағз-аслан вожаи забони суғӣ буда, дар оғоз ба забони умумимардумӣ ворид гардид ва сипас аз сӯи устод Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ ба забони хаттӣ дохил шуд:

Ба хунёгари нағз овард рӯй,
Ки чизе, ки дил хуш кунад, он бигӯй. [16,165]

Чу Бузаргмеҳр он суханҳои нағз
Шуниду ба дониш биёрост мағз. [8,191]

Мавлоно Ҷомӣ низ аз корбуди ин навъи вожаҳо худдорӣ намекунад:
Ба деги сухан чун наи нағзпаз,
Макун ҷомаи нағз аз аскуну хаз! [5,310]

Гарчи дорад зи нагзгуфторӣ
Мадҳҳои ҳазординорӣ. [3,157]

Вожаи мард ҳам дар забони адабӣ ва гӯйишҳо [лаҳчаҳо, шеваҳо) зиёд истеъмол мегардад, аммо ҳангоми кабули пасванди -ак[мардак) ин вожа гӯё аз ҳуқуқи корбурди забони адабӣ маҳрум мегардад. Иноят Ҳасанов"мардак","ганда" барин вожаҳоро чун сарвати забони умумимардумӣ таҳлилу баррасӣ мекунад. [17,124-125) Бояд пазируфт, ки муаллифи мазкур ба ин далел ҳам дорад, чунки ин навъи вожаҳо бештар дар нутқи иштирокунандаҳои [персонажҳои) асари бадеӣ ба назар мерасанд.

Дар асарҳои Мавлоно Ҷомӣ ин гуна вожаҳоро зиёд метавон дид:
Ногаҳон мардаке давид аз дар,
Кард дар гӯши шаҳу ёрон сар." [3.15]

Калаке буд ошиқи гулаке,
Шухаке мушкбор кокулаке. [3,46]

Вожаҳои порина- порсола [муқоиса шавад"Аҳмади порина"), бахш – қисм, ҳисса;
дуто - хам; ризо -розӣ; дов-навбат, ки то ҳол дар забони умумихалқӣ ва гӯйишҳо мавриди корбурд қарор мегирад, аз назари Мавлоно Ҷомӣ берун намондаанд:
К-аз инҳо гирадат дил соли дигар,
Чунон к-имсол аз хубони порин. [3,60]
Порае хӯрду порае бугзошт.
Порае бахши ғойибон бардошт [3,52]

Нек фурӯ бурда ба ҷойи худам,
Пушт дуто гашта зи бори худам, [3,269]

Дар асарҳои Мавлоно Ҷомӣ вожаву ибораҳоро метавон дид, ки бахше аз онҳо дар гӯйишҳои имрӯзаи Тоҷикистон мустаъмаланд. Ба гунаи мисол: даф -доира; сафро-қай; улоғ-хар; дарюза-гадоӣ, соилӣ, садақаталабӣ; ғавр-бисёр чуқур; сарӣ-ҳавобаландӣ, худкомӣ ва ғайра.Чунончи:
Нағмасозе, ки даф гирифта ба чанг,
Оядаш нағма хориҷи оҳанг. [3,17]

Аз сарӣ қадрам арчи боло нест,
Ҷои Райё ба ҷуз Сурайё нест. [3,100]

Турунҷе ранги он сафрои қотеъ,
Паи сафроиён дармони нофеъ. [4.219]

Дам ба дам мерасад яке сарҳанг
Мекунад сӯи ҳар улоғ оҳанг. [3,18]

Кардаме ғавр дар назорагарӣ,
Даст бикшодаме ба чорагарӣ. [3,95]

Гӯши канизони туро дода баҳр
Аз дари дарюзагадоёни шаҳр. [3,268]

Мавлоно Ҷомӣ баъзе аз вожаҳоро ба кор бурдааст, ки ҳоло онҳо асосан дар гӯйишҳои тоҷикии Бадахшон ва забонҳои рӯшонию шуғнонӣ зиёд мавриди корбурд қарор мегиранд. Чунончи: лоғ-шухӣ, ҳазл; чуст-сахт, мустаҳкам ва бархе ба маънои "чолок, чустӣ, чолокӣ, чобукӣ меоянд:

Зоғи уҷб андар ошёни димоғ,
Ниҳадаш байза з-он фасонаву лоғ. [3,57]

Дар талаби илм камар чуст кун,
Даст зи ишғоли дигар суст кун. [3,285]

Пойчаҳо барзада то соқи пой,
Карда зи чустӣ ба сари кӯҳ ҷой. [3, 275]

Вожаҳои хур-офтоб, хуршед [дар ноҳияи Рӯшон-хур, дар ноҳияи Шуғнон-хир); сур-тӯй, ҷашну шодӣ; ниёз-эҳтиёҷ; кола- молу матоъ, газвор аз ҷиҳати шаклу маъно ва корбурд дар забони рӯшонию шуғнонӣ ва ашъори Ҷомӣ яксонанд:

Хола шуд гирди камар меъҷараш,
Хайма зада бар маҳу хур чеҳрааш [3,276]

Баровард фарёд бечора ғук,
Ки эй сурам аз дасти ту гашта суг [3,260]

Кола он беҳ камъиёрии ӯ,
Кунад аз дузд посдории ӯ [3,21]

Вожасозӣ воситаи муҳими ғановатмандии забон маҳсуб мешавад. Мавлоно Ҷомӣ дар ин ришта низ амсоли дигар устодони каломи бадеъ саҳми чашмрасе дорад. Мавсуф ҳангоми сохтани вожаҳои мураккаб кӯшиш кардааст, ки ҳадди имкон аз бойигарии забони модарӣ ба шумули умумимардумӣ истифода намояд.Аз ин нигоҳ бештари тартиботи ин ё он вожаи мураккаби форсӣ-точикӣ буда, ҳам дар забони адабӣ ва ҳам умумимардумӣ ройиҷу машҳӯранд. Бештар вожаҳои мураккабро аз лиҳози таркиби морфологии онҳо метавон ба се даста ҷудо кард:

1.Вожаҳое, ки ҳар ду ҷузъи онҳо ҳиссаи номианд [исм, сифату исм, шумораву исм]:

Балки садпай канданаш чора
Гар куни бардамад дигарбора. [3.67]

Санамхонаҳоро зи бунёд канд,

Ба Зардушту зардуштӣ оташ фиганд. [5.316]

Дабире талаб кард равшанзамир,
Ки бар лавҳ кофур резад абир. [5,362]

Зи гетинавардон чи куҳна ,чи нав,
Чу ту кист камхору бисёррав? [5,280]

Бархе чузъҳои номӣ тавассути пайвандаки вожабанди "у" ва "о" таркиб ёфта, дорои як мафҳуманд:

Духтар алқисса, монд бе хӯру хоб,
Дил пуроташ, зи ишқу дида пуроб, [5,170]

Лаболаб шуд зи хун бе ҷоми лаълат соғари чашмам [3,160]

2.ҳиссаи номӣ ва феълӣ. Шумораи вожаҳои мураккаб ба воситаи ҳиссаи номӣ ва асоси феълӣ ҳам зиёд аст. Чун қоидаи маъмулӣ ҷузъи номӣ дар ҷойи аввал ва феъл пас аз он меояд:

Турфа арӯсе, ки зи зевар тиҳӣ,
Ояд аз ӯ дилбарию дилдиҳӣ. [3,254]

Мард бояд, ки ёрҷӯй бувад.
Ёр чун ёфт, ёршӯй бувад. [3,29]

3.ҳамроҳ омадани ду феъл. Аз ду асоси феълӣ таркиб ёфтани вожаи мураккаб низ ба назар мерасад, аммо ин навъи вожасозӣ нисбатан маҳдуд аст:

З-омадшуди ӯ ба хонаи ман.
Фарсуда шуд остонаи ман. [3,85]

З-ин гуфтушунид хомӯшӣ беҳ. [5,45]

Аз далелҳои мазкур равшан мешавад, ки вожаҳои мураккаб аз ду реша таркиб меёбанд. шумораи вожаҳои мураккаби серешадор хеле кам аст.Чунончи:

Биё, мутриб, аз захма захми дурушт
Бизан бар раги пири ҳамгаштапушт.[5,115]

Кисаҳоликуни ҳар пурҳунар аст
Мисли кӯрикаши ҳар дидавар аст [5,64]

Мавлоно Ҷомӣ ибораҳои фразеологии забони мардумро низ фаровон мавриди корбурд қарор додааст. Бештари ибораҳои фразеологӣ ҳоло ҳам дар байни тоҷикон маъмуланд: дар хурди худ кардан- бо майли худ истеъмол кардан; по аз ҷо шудан-хато хӯрдан, лағжидан; аз ҷон сер шудан-аз ҷон безор шудан ва ғайра:

Намакро чун кунӣ дар хурди худ сарф,
Намакдонро манеҳ агушт бар ҳарф [5.77]

Пояш аз ҷой шуд, дар об афтод,
Пӯстин, з-он хато дар об ниҳод. [3,66]

Бар сари об чархзан мерафт,
Даст шӯста зи ҷону тан мерафт. [3,67]

Ҷомӣ дар халлоқияти ҳунарии худ, аз мақолу зарбулмасалҳои зиёд истифода бурдааст, ки бахше аз онҳо дар осори шоирони пеш аз ӯ ҳам дучор мешаванд ва бештаи ин зарбулмасалу мақолҳо ҳоло ҳам истифода мешаванд. Дар миёни

мардум чунин мақоле ройиҷ аст: «аз дар ронӣ, аз равзан медарояд»:

Бе ҳалқа задан зи дар дарояд,
Пояш шиканам, ба сар дарояд.
Гар дар бандам, дарояд аз бом,
Субҳаш ронам, қадам занад шом. [5,85]

Мардум маъмулан нисбати одами гапнодаро чунин мегӯяд:"дар як мӯза до по пӯшидан".Мавлоно Ҷомӣ ба ин гуфтор"як хонаю ду соҳиб"-ро изофа кардааст:

Дар як мӯза ду по кӣ дидаст?
Дар хона, ду кадхудо кӣ дидаст?. [5,157]

Дар байни мардум"мӯй аз хамир кашидан" мақолеаст, ки ба маънои дурусткорӣ, ҳақиқаткорӣ ва бидуни зиён ба сомон расонидани кор истеъмол мегардад. Шоир дар байти зер ҳамин маъниро дар назар дорад:

Зи олоиш чу гардад дастгират,
Барорад пок чун мӯй аз хамират. [5,153]

Гоҳе мусанниф маълуму машҳур будани ин ё он мақолу масалро хотирнишон месозад:

Набошад ин масал пӯшида аз кас,
“Ки гар дар хона кас, ҳарфе бувад бас”! [5,78]

Ва:

Чӣ хуш гуфт деҳқони софӣ зи ранг,
Ки: “Ангур гирад зи ангур ранг". [5,285]

Забони осори Мавлоно Ҷомӣ аз лиҳози сохти грамматикӣ низ маводи гуногуну фаровон медиҳад. Шоири шаҳир захираҳои грамматикии забони адабӣ ва умумимардумиро дар пайвастагӣ бо ҳамдигар устодона мавриди корбаст кардааст, роҷеъ ба вижагиҳои морфологӣ далелҳои зеринро ироя медиҳем: Нишона[категория)-и ҷамъбандии тоҷикии исмҳо бо ёрии ду пасванд -он [-гон,-ён.-вон) ва -ҳо ифода мегардад:

Пасванди-он дар забони адабиёти классикӣ бештар бо исмҳое, ки ба шахс марбутанд, меомад. Чунончи:

Ба ибрат аз пешиниён ёд кун!
Дил аз ёди пешиниён шод кун! [5,284]

Биё, соқӣ, ёри бечорагон,
Деҳ он май, ки дар чашми майхорагон. [5,314]

Бо исмҳои ғайришахс омадани пасванди -он кам истифода мешуд [абрувон, чашмон,говон, харон] :

Лек чу дил ба ғафлат олояд,
Хунат аз дидагон биполояд.[5,260]

Пасванди -ҳо бараъкси пасванди -он, бо исмҳои маънӣ [абстракт] дар осори шоирони классикӣ зиёд истеъмол мешавад:

Рафт аз ин мужда з-ӯ гаронихо,
Кард изҳори шодимониҳо. [3,149]

Ба рӯят хурраму дилшод мебош,
Зи ғамҳои ҷаҳон озод мебош, [3.67]

Но дида чораи оворагиҳо,
Кашидам дар ғамат бечорагиҳо. [3,36]

Дар вожаҳои арабӣ, ҷамъбандии арабию тоҷикӣ истифода шудааст: шайх-машоих, китоб- кутуб, олим -уламо, вазир-вузаро:

Як замон аз сухан наёромид,

То ба нақли машоих анҷомид [3,54]

Ин сифатҳову ҳолҳои шариф,
Ки дар онҳо кутуб шуд тасниф. [3.111]

Баъзе аз воситаҳои наҳвӣ дар забони Мавлоно Ҷомӣ, агарчи аз лиҳози шаклу вазифаи асосии худ фарқ надошта бошанд ҳам, бо корбурди зиёди худ аз забони адабии ҳозира тафовут доранд.

Ба гунаи мисол, пасванди -вор дар гӯйишҳои тоҷикии ҷанубу ғарбӣ, мисли замони шоир зиёд мавриди корбурд қарор мегирифт.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ корбурди ин пасванд нисбатан маҳдуд аст:

Ман дар ин соя соядор шудам,
Бе хуру хоб соявор шудам. [3,75]

Бурд қассобвор каф сӯям,
Дид ҳинҷори пушту паҳлӯям. [3,149]

Пасванди қиёсии -тар чун қоидаи асосӣ бо сифатҳои аслӣ [баландтар, пасттар) меояд .Аммо дар забони Мавлоно Ҷомӣ пасванди мазкур бо сифатҳои ғайриаслӣ ҳам меояд:

1.Он аст дӯстдор. ки ҳарчанд душманӣ
Бинад зи дӯст. шавад дӯстдортар. [3,338]

2.Бар сар ҳазор санги ситам гар хӯрад аз ӯ,
Гардад бинои ишқам аз он устувортар. [3,338]

Пасванди -гар[и) ва -истон низ дар забони пешазинқилобӣ корбурди фарох доштаанд, ки мо инро дар ҳаллоқияти ҳунарии Мавлоно Ҷомӣ ҳам мушоҳида мекунем:

Рӯзе аз ин ҳодиса андеша кун,
Қоидаи додгарӣ пеша кун. [3,34]

Ҳар чи зарур аст, чу ҳосил кунӣ,
Беҳ, ки иморатгарии дил кунӣ. [3,47]

Дар бобати ҷонишинҳо ҳаминро ёдрас намудан басанда аст: ба манзури ифода кардани шахси сеюми ҷамъ (онҳо) ҷонишини эшон, ки акнун чун шакли куҳна [архаистӣ) маҳсуб мешавад, истеъмол мешуд:

Чун лола ҷудо зи боғи эшон,
Дорем ба сина доғи эшон. [4,140]

Чун номи ту ҳак аст коми эшон,
Бодо комам ба коми эшон. [5,185]

Барои ифодаи ҷонишини нафсӣ - таъкидӣ ду шакл [худ ва хеш [ хештан] ба кор бурда мешуданд. Аз далелҳо равшан мешавад, ки ин ду шакл бо ҷойгоҳи грамматикии "худ", аз ҳамдигар тафовут доранд, ҷонишини "худ" дар ҷумла бештар ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда меояд:

То гуфт нагардадаш ду бозу,
Худ гӯ, ки чи сон шавад тарозу. [5.93]

ҷонишини "хеш" бошад, маъмулан ба вазифаи аъзои дигар [пуркунанда ва муайянкунанда ҳам меояд, аммо ба вазифаи мубтадо омаданаш ба назар намерасад:

Зи аввалу охири худ ёд кун,
Хешро ҳам ба худ иршоде кун. [5,78]

ҷонишини "хештан аз руйи ҷойгоҳи худ чун хеш" мавриди корбурд қарор мегирад.

Наёрад ба дил ҷуз ғами хештан.
Надорад ба ҷуз мотами хештан.
Як нишона баҳри худ нокарда соз,
Хештанро тавонам ёфт боз. [3,167]

Феъл бо бархе аз вижагиҳои луғавӣ ва грамматикии худ, аз феъли замони ҳозира фарқ мекунад. Аз ҷумла вижагии фелективии феъл дар замони пешин дида мешавад. Ба ҷойи шаклҳои таркибии ҳозира, бисёртар шаклҳои сода истеъмол мешавад: хоб кардан-хуфтан, фиреб хӯрдан- фиребидан; андова кардан-андовӣ[дан) ва ғайра. Чунончи:

Вақти хуфтан рост кардӣ бистараш,
Сӯхтӣ чун шамъ болои сараш. [3,194]
Хуршеди дурахшонро то кай ба гил андоӣ
Дил мефиребӣ, ҷон мерабоӣ. [3,160]

қабл аз шакли инкории феъл омадани пешванди ме- вижагии забони адабиёти классикӣ мебошад. Масалан, ба ҷойи: намешавад-менашавад; намеояд-менаояд; намегирад- менагирад:

Аз хасу хошок чу софест об,
Менашавад бар дур[р)у гавҳар ҳичоб. [3,286]

Эй чашми ту фитнаи ҷаҳоне,
Мекун назаре ба нотавоне.[3,42]

Пешванди бар- монанди пешванди ме- ҳам пеш аз шакли инкорӣ мавриди корбурд қарор мегирад [барнаомад- набаромад) соате барнаомад; даст аз доманат барнадорам. Ҳиссаҳои номустақили нутқ [пешванд, пасванд ва пайвандак) аз рӯйи истеъмолу вазифаи грамматикии худ аз забони ҳозира бархе фарқиятҳо доранд. Пешванди номии изофии "пеши" дар забони умуимардумии ҳозира ба сурати мустақил [ яъне бе таркиби " ба пеши") истифода мешавад ва макону сӯйро ифода менамояд. Мавлоно Ҷомӣ ин тарз ифодаро айнан мавриди корбурд қарор додааст:

Пеши духтар нишаст. Пеши эшон равам ва ба эшон кайфияти ҳол маълум кунам.

ҳазор байт гуфт ва пеши султон овард, ҳамзамон бо ин пешванди "ба" чун муродифи грамматикии "пеши" ва «ба пеши» ба кор бурда мешавад Чун Фирдавсӣ ба эшон расид, бо вай гуфтанд.

Пешвандҳои таркибии номӣ: аз дасти, аз пайи, аз баҳри, чун дар забони умумихалқӣ ва бархе дар назми ҳозира зиёд истеъмол мешуданд.[Ниг.ба Б. Ниёзммуҳамадов.Хусусияти забони ашъори М. Турсунзода."Садои Шарқ ", №9, 1964, саҳ.106].

Фарзанд нахоҳад зи паи мол падарро,
Хоҳад,ки намонад падару мол бимонад. [3.432]

Дар соҳаи наҳв [синтаксис) дар ҳаллоқияти ҳунарии Мавлоно Ҷомӣ маводи фаровону гуногун [ аз нигоҳи ҳолату вазъияти забони ҳозираи тоҷикӣ, ки дархури таваҷҷуҳ аст, ба назар мерасад. Чунончи, пасванди "е"дар таркиби муайнкунанда ва муайяншаванда омада, ду вазифаро адо мекунад- ҳамчун аломати номуайянӣ ва изофӣ:

Хараке пиру лоғару ланг,
Ки нарафти ду рӯз як фарсанг.
Гар расидӣ ба ҷӯяке борик,
Ҳама олам ба ӯ шудӣ торик. [15,55]

Мунодӣ бонг мезад аз чапу рост:
«Ки мехоҳад ғуломе бе каму кост» [15,190]

Дар забони Мавлоно Ҷомӣ, пеш аз муайянкунанда омадани муайяншаванда низ ба назар мерасад.

Ҷаҳондида пире ба савдои гашт
Қадам зад зи хона ба паҳнои дашт. [15, 270]

Натиҷагирӣ:

1.Мавлоно Ҷомӣ чун пайраву идомадиҳандаи фаъолияти ҳаллоқияти ҳунарии шоирони бузурги адабиёти пурбори классикии форсу тоҷик забони адабиро чун устоди тавонои каломи бадеъ, такмилу инкишоф дода, аз он чун мунақид пуштибонӣ мекард.

2.Шоири шаҳир бар зидди шаклпарастону суханбозон ва услубу баёни онҳо вориди амал мешуд. Бо камолу эҳтироми зиёд, суханварони асили пешинаро ситоиш менамуд. Саъю талош мекард, ки аз роҳи эҷод намудани асарҳои арзишманди худ, забонро ҳарчи бештар ба мардум наздиктару фаҳмотар пешкаш кунад.

3.Баҳри фарогиру равшан сохтани хизмати шоиставу боистаи ин шоири шаҳиру устоди сухан ниёз ба пажуҳиши илмии густарда бояд дар соҳаҳои гуногуни суханшиносӣ [филологӣ) дар асоси эҷодиёти худи адиб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор бигирад, то вижагиҳои забону услуби нигориши Ҷомӣ муайян шавад ва дар ин зимн вазъияти адабии асри XV, пайванди ногусастании он ба замони гузаштаву оянда низ равшану муқаррар гардад.

**Адабиёт**


1. Айнӣ С. Куллиёт. ҷ 2, Ирфон, 1977, с.44.
2. Афсахзод Аълохон. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир. Душанбе: «Ирфон»,1989.с.153
3. Абдураҳмони Ҷомӣ.Осор. ҷ.3, Душанбе. Адиб.1987. с. 253.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ.Осор. ҷ, 4, Душанбе Адиб, 1988, с. 219.
5. Абдураҳмони Ҷомӣ.Осор .ҷ.5, Душанбе. Адиб. 1988.с.256.
6. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор.ҷ.7, Душанбе: Адиб, 1989, с.221.
7. Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо. [Гулчин аз осори манзум) Мураттиб ва муаллифи дебоча Зоҳир Аҳрорӣ.Душанбе . Ирфон, 1989, с.48 -49.
8. Абулқосим Фирдавсӣ "Шоҳнома", ҷ, 8, Душанбе: - 1990, с.191.
9. Бертельс Е.Э. Джами, Москва, 1940, с.172.
10. Девони комили Ҷомӣ, бо мукаддимаи Хошим Разӣ, Теҳрон, 1341, с.245.
11. Маъсумӣ Н. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба забон ва услуби Аҳмади Дониш, Душанбе, «Шарқи сурх», 1960, №12, с.68.
12. Мирзоев А. Забони адабии классикӣ ва муносибати он ба забони имрӯзаи тоҷик[ӣ), Душанбе, «Шарқи сурх», 1949, №12, с.17
13. Ниёзхмуҳаммадов Б. Хусусияти забони ашъори М.Турсунзода. «Садои Шарқ», №9,1964, с.106.
14. Нуриддин Абдураҳмон бинни Ахмади Ҷомии Хуросонӣ…, . Маснавии «Ҳафт авранг» ба тасҳеҳ ва муқаддимаи оқои Муртазо Мударриси Гелонӣ. – Теҳрон, 1337, с.301.
15. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ таълифи Алисғари Хикмат. Теҳрон,Тӯс, 1363, с. 190.
16. Нуров А. фарҳанги ашъори Рӯдакӣ. Душанбе Маориф, 1990, с. 165.
17. Ҳасанов И. Баъзе хусусиятҳои луғавии забони «Духтари оташ». «Садои Шарқ», №9, 1964, с.124 – 130.

УДК 347

**Мирзоев С.А.**

## ЭНЕРГИЯ ҲАМЧУН АШЁ ВА ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

*Мақолаи мазкур ба масъалаи энергия ҳамчун ашё ва объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшида шудааст. Муаллиф мафҳуми энергия ва қувваи баркро пешниҳод намуда, чунин меҳисобад, ки онҳо объекти мустақили ҳуқуқи гражданиро ташкил медиҳанд. Ба ақидаи муаллиф дар қатори неъматҳои моддӣ, ба мисли ашё, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, қоғазҳои қиматнок, кору хизматҳо, иттилоот, амал, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, номи фирма, тамғаи мол ва воситаҳои дигари фардикунонии маҳсулот, энергия ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ эътироф карда шавад, зеро он ба сифати моли махсус дар қатори дигар молҳо мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун ашё барои қонеъ кардани талаботи инсонӣ зарур аст.*

***Вожаҳои калидӣ**: энергия, энергетика, неъмати моддӣ, объекти ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи моликият.*

**Мирзоев С.А.**

## ЭНЕРГИЯ КАК ВЕЩЬ И ОБЪЕКТ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА

*Данная статья посвящается вопросу энергии как вещь и объект гражданского права. Автор предлагает понятие энергии и электроэнергии, и считает, что они составляют самостоятельного объекта гражданского права. По мнению автора следует признать энергию как объект гражданского права, наряду с такими материальными благами, как вещи, деньги, в том числе иностранной валюты, ценных бумаг, работы и обслуживания, информации, результат интеллектуальной деятельности, фирменного наименования, товарного знака и других средств индивидуализации продукта, так как она в качестве особого товара продается и как вещи необходима для удовлетворения человеческих потребностей.*

***Ключевые слова**: энергия, энергетика, материальные блага, объект гражданских прав, права собственности.*

**Mirzoev S.A.**

## ENERGY AS A THING AND OBJECT OF CIVIL LAW

*This article is devoted to the issue of energy as a thing and object of civil law. The author proposes the concept of energy and electricity, and believes that they constitute an independent object of civil law. According to the author, energy should be recognized as an object of civil law, along with such material benefits as things, money, including foreign currency, securities, work and services, information, the result of intellectual activity, brand name, trademark and other means of individualization. product, as it is sold as a special product, and as things are necessary to meet human needs.*

***Keywords:** energy, energy, wealth, object of civil rights, property rights.*

Феълан бинобар хусусиятҳои хоси худ аз тамоми намудҳои нерӯ, нерӯи барқ муҳимтар аст.

Имрӯз таъминоти нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо,

вобаста аст. Ҳаёти ҳарӯзаи одамонро бидуни истифодаи нерӯи барқ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар таърифи расмии мафҳуми неру аниқтараш, нерӯи барқ, ки дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи энергетика" ҷой дода шудааст, нерӯи барқ ҳамчун моли махсус маънидод мешавад. Чунин таърифи нерӯи барқ хело мухтасар ва эмпирикӣ (таҷрибавӣ) буда бештар ба хусусиятҳои юридикии нерӯи барқ ишора мекунад, на бевосита ба худи нерӯи барқ.

Энергия яке аз сифатҳои материя – меъёри ҳаракати он, инчунин, қобилияти анҷомдиҳанда (иҷрокунанда) мебошад. [24, **с.911**]

Нерӯи барқ – ин нерӯи ҷараёни барқ, яъне ҳаракати самтноки (бонизоми) ҳиссаҳои заряддодашуда (электронҳо, конҳо ва ғайра) мебошад. [16, **с.73**]

Тавре нерӯи барқ ба осонӣ ба дигар шаклҳои нерӯ табдил мeёбад, бинобар ин, истифодаи ҷараёни барқ хеле гуногун аст. Бо ёрии таҷҳизоти гуногун, нерӯи барқ ба нерӯи механикӣ табдил ёфта, кори механикиро иҷро мекунад, ба нерӯи гармӣ, нерӯи афканишоти электромагнитӣ табдил мeёбад.

"Энергия дар қиёс ба ашёҳо сифати муайяни материя яъне қобилияти иҷро намудани (анҷом додани) кор, таъмин намудани иҷрои амалиётҳои гуногуни технологӣ, муҳаё намудани шароитҳои зарурӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолият мебошад."[1, **с. 118**]

С.М. Корнеев меҳисобат, ки нерӯи барқ сифати материя мебошад, ки ҳамчун қобилияти иҷро нашудани кори муфид ифода шуда, аммо шабеҳи материя нест. [17, **с. 74-75**]

Нерӯи барқ ва захираҳои энергетикӣ неъматҳои моддие мебошанд, ки оид ба онҳо муносибатҳои молу мулкӣ ба миён меоянд. Мувофиқи ақидаи О. Двинин, захираҳои энергетикӣ ва энергия ҳамчун объекти ҳуқуқи граждании баромад мекунанд ва вақте, ки шахс аз навъҳои гуногуни энергия истифода мекунад, ӯ бояд эҳсос намояд, ки ӯ ба худ намуди алоҳидаи объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро мегирад. [13, **с.** 17-18]

Аз ин бар меояд, ки объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ки дар ҷараёни бастан ва иҷро намудани шартномаҳои таъмини нерӯ ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба вуҷуд меоянд, чунин неъматҳои моддӣ чун нерӯи барқ ва дигар захираҳои энергетикӣ ҳисоб мeёбанд. [14, **с.** 15]

Бояд қайдкард, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ энергия "Аз нуқтаи назари таснифоти объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ҳамчун ашёи манқул, оддӣ, тақсимнашаванда, истеъмолшаванда муайян шуда аст, ки ба он аломатҳои ҷинсият хосанд." [3, **с.** 90]

Дар дигар маъхазҳои таълимӣ қайд шудааст, ки "Энергия ҳамчун объекти оддии олами моддӣ, ҳамчун чизи ҷисмӣ ҳисоб намешавад, он сифати олами моддӣ, зимнан олами моддие мебошад, ки ба он ҳолати муайян дода шудааст." Ин сифат дар қобилияти иҷрои корҳои муфид (шидатнокӣ, суръатнокӣ, ҳарорат ва ғайра), таъмини иҷрои амалиётҳои гуногуни технологӣ, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои кор ва истироҳати одамон (масалан, чароғонкунӣ, ҳавотозакунӣ, гармдиҳӣ) зоҳир мегардад. [4, **с.** 306]

"Энергия, дар муқоиса бо ашёҳо, сифати муайяни материя мебошад ва кори муфидеро иҷро мекунад." [5, **с.** 332]

Дар инҷо, энергия яқинан ба "дигар молу мулк" мансуб дониста шудааст (ба маънои ибораи дар моддаи 140 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашуда).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ энергия, инчунин ҳамчун "арзиш" ва "неъмати иқтисодӣ",[18, **с.** 29] ҳамчун "моли арзиши аслидошта, ки аз хароҷотҳо ҷиҳати истеҳсоли он ташаккул мeёбад, арзёбӣ шудааст." [6, **с. 170 -171**]

С.А. Свирков нерӯи барқро ҳамчун «объекти уҳдадориҳо оид ба фурӯш ва интиқоли нерӯи барқ, ки раванди ягонаи таъмини барқро ба расмият медароранд,

ҳамчун маҷмӯи электронҳои бо ҳомили худ ҳаракаткунанда ва объекти олами ҳастӣ, олами ҳастии дар ҳолати ҳаракати доимӣ қарордошта маънидод мекунад». [27, **с. 46-49**]

Бояд қайд кард, ки дар доктринаи замонавии сивилистӣ муайян шудани энергия ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ, ҳамчун молу мулк ва мол боиси ихтилофи ҷиддии ақидаҳо намебошад.

Дар ҳар сурат муайян намудани хусусиятҳои энергия, ҳамчун падидаи физикӣ ва ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ, молу мулк ва мол зарур аст. Дар маъхазҳои илмӣ ва таълимӣ, чунин хусусиятҳои энергия ишора шудааст:

- муттасилӣ (ногуссастании) раванди истеҳсол, интиқол ва истифодаи энергия; [21, **с. 36**]
- энергияро бо дарназардошти хосиятҳои физикии он ғундоштан, андухтан, захира кардан, ба мисли дигар молҳо дар анборҳо ё зарфҳои махсус нигоҳ доштан ғайриимкон аст;[7, **с. 306**] Дар хусуси он ки "захираи" нерӯи барқро гуё дар батария ё аккумуляторҳо нигоҳ доштан мумкин аст, С.М. Корнеев фикри ҷолиберо баён намудааст, ки "дар аккумуляторҳо на нерӯи барқ, балки нерӯи кимиёвӣ ҷамъ мешавад, ки дар ҳолати потенсиалӣ қарор дошта, қодир аст дар намуди ҷараёни электрикӣ зоҳир шавад"[19, **с. 30**]
- азбаски энергия ҳамзамон бо интиқоли он истеъмол карда мешавад, онро наметавон баргардонд (масалан, бо тартиби реститутсия); [8, **с. 169**]
- интиқоли энергия ба истеъмолкунанда бе истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ, зерсохтори мувофиқ: хатҳои интиқоли барқ, шабакаҳои об, стансияҳои обкашӣ, ва трансформаторӣ ва ғайра номумкин аст; [9, **с. 90**]
- истифодаи энергия таҷҳизоти махсуси техникиро тақозо мекунад: таҷҳизоти қабулкунандаи энергия, асбобҳои назоратӣ – ченкунанда, воситаҳои таъмини бехатарӣ ва ғайра; [30, с.90]
